# МАЪРИФАТИ АҲКОМИ УМРА

Китобхонаи Мероси Абуҳанифа

| Унвон: | Маърифати аҳкоми умра |
|---|---|
| **Мавзӯъ:** | Маълумотҳои мухтасар дар робита бо умра, дар бораи шаҳри Макка ва Мадина ва ҳамчунин баёни дуъоҳо ва азкори мухталиф. |
| **Соли нашр:** | 1444 ҳ. қ., октябри соли 2022 мелодӣ |
| **Теъдоди саҳифаҳо:** | 56 |
| **Манбаъ:** | Сайти Мероси Абуҳанифа |

**Ин китоб аз сайти китобхонаи Мероси Абуҳанифа гирифта шуда ва аз тарафи ҳайати ҳамин китобхона таълиф шудааст.**
**www.merosi-abuhanifa.com**

**Почтаи электронӣ: book@merosi-abuhanifa.com**

Дар нашри маводҳои исломӣ саҳмгузор бошем, чуноне Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***“Аз ман ба дигарон бирасонед, ҳатто агар як оят ҳам бошад...”*** (Бухорӣ, 3461)

# Мундариҷа

Муқаддима ........................................ 3
Маърифати 1-ум: Маккаи мукаррама ........................................ 5
Маърифати 2-юм: Мадинаи набавӣ ........................................ 8
Маърифати 3-юм: Мафҳуми умра ........................................ 12
Маърифати 4-ум: Ҳукми умра ва шартҳои он ........................................ 13
Маърифати 5-ум: Рукнҳои умра ........................................ 17
Маърифати 6-ум: Воҷиботи умра ........................................ 19
Маърифати 7-ум: Суннатҳои умра ........................................ 20
Маърифати 8-ум. Фазилат ва савоби умра ........................................ 22
Маърифати 9-ум: Хатогиҳои умра ва ҷазои онҳо ........................................ 23
Маърифати 10-ум: Миқот – макони бастани эҳром ........................................ 28
Маърифати 11-ум: Мамнӯъоти эҳром ........................................ 29
Маърифати 12-ум: Шартҳо ва воҷиботи тавоф ........................................ 31
Маърифати 13-ум: Суннатҳои тавоф ........................................ 33
Маърифати 14-ум: Сифат ва чигунагии тавофи Паёмбар алайҳиссалом ........................................ 36
Маърифати 15-ум: Фазилат ва савоби тавоф ........................................ 37
Маърифати 16-ум: Шартҳои саъй (рафту омад) байни Сафо ва Марва ........................................ 41
Маърифати 17-ум: Суннатҳои саъй ........................................ 42
Маърифати 18-ум: Чигуна тарошидан ё кӯтоҳ кардани мӯйи сар ........................................ 44
Маърифати 19-ум: Эҳсор ........................................ 45
Маърифати 20-ум: Дуъоҳо ва зикрҳо ........................................ 47
Хулоса ........................................ 55
Адабиёти истифодашуда ........................................ 56

بسم الله الرحمن الرحيم

## Ба номи Аллоҳи бениҳоят бахшанда ва меҳрубон

### Муқаддима

Сипос Парвардигори ҷаҳониёнро, ки фармудааст:

**“Эй Иброҳим, мардумро ба воҷиб будани ҳаҷ даъват бикун, то пиёда ё савор бар шутурони лоғар, ки асари заҳмати сафар онҳоро хаста кардааст, аз роҳҳои дур назди ту биёянд ва то шоҳиди манфиатҳои худ бошанд. Манфиатҳое аз қабили омурзиши гуноҳон, аҷр ва савобҳо аз қурбониашон, аз тоъаташон ва манфиатҳо аз савдояшон. Ҳамчунин номи Аллоҳро дар рӯзҳое муъайян ҳангоми забҳи чорпоён ёд кунанд, ки Аллоҳ онҳоро ризқи рӯзиашон гардонида аст. Пас аз онҳо бихӯред ва бенавоёну фақиронро низ таъом бидиҳед.”**

Дуруди бепоён бар равони поки хотами паёмбарон Муҳаммад ва олу ёронаш бод, ки фармудааст:

يا أَيُّها الناسُ خُذُوا عَنِّي مناسكَكم

***"Эй мардум, ҳаҷ ва умраатонро ҳамон гунае, ки ман анҷом додаам, анҷом бидиҳед."*** (Саҳеҳи Муслим, 1297)

Бародарон ва ҳоҷиёни муҳтарам! Зиёрати хонаи Каъба, Байтуллоҳил-ҳаром яке аз аркон ва бунёни асоси Ислом ба шумор меравад ва бояд мутобиқи суннат ва гуфтори Расули акрам саллаллоҳу алайҳи ва саллам анҷом дода шавад, яъне дар ҳаҷ ва умра бояд он умуре анҷом дода шаванд, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам онҳоро анҷом додаанд, ки ҳадиси дар боло зикршуда низ бар ҳамин далолат мекунад.

Ин китоби мухтасари маърифати аҳкоми умраро ба бародарони тоҷикзабони ҷаҳон тақдим медорем ва аз Аллоҳи мутаъол хосторем то ин китобро холисан барои ризову хушнудии худ қарор дода ва моро аҷру подоши нек дар дунё ва охират ато фармояд. Қабл аз ин ки муқаддимаро ба поён бирасонем, мехоҳем хонандагонро ба чанд умури муҳим тазаккур диҳем.

- Қабл аз ҳама бояд ҳар як нафар талаби илми шаръӣ бикунад, яъне шинохти Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло, шинохти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва шинохти дини Исломро дошта бошад. Мо бояд Аллоҳро бо илму дониш бишносем ва парастиш намоем, на бо ҷаҳлу нодонӣ ва касе ки чунин амал нанамояд, яъне

бидуни илм даъвои шинохт ва парастиши илоҳиро дошта бошад, пас сарнавишти ӯ ба сӯи гумроҳӣ мебошад. Ба ибораи дигар, илм яъне шинохтани ҳақ бо далел аст ва зидди илм бошад, ин ҷаҳлу нодонист. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***"Талаби илми шаръӣ барои ҳамаи марду зан фарз аст ва барои толибилм ҳама чиз истиғфор мегӯянд, ҳатто наҳангҳои зери об."*** [Саҳеҳи Ҷомеъ, 3914]

Имом Бухорӣ раҳимаҳуллоҳ мегӯяд: "*Дараҷаи илм пеш аз қавл ва амал кардан мебошад, ки далелаш ин фармудаи Аллоҳ таъолост:* **"Бидон, ки маъбуде барҳақ ҷуз Аллоҳ таъоло нест ва барои гуноҳи хеш ва гуноҳи мардон ва занони мӯъмин омурзиш бихоҳ. Ба ёд дошта бош, ки Аллоҳ таъоло маҳалли рафтуомади рӯзона ва маҳалли оромиши шабонаи шуморо медонад.""** (Муҳаммад, 19)

Аз далелҳои зикршуда бар меояд, ки ҳар бандаи мусалмон пеш аз оне ки амал ё ибодатеро анҷом бидиҳад, бояд маълумоти кофӣ барои анҷом додани он дошта бошад, ки дар натиҷа мартаба ва манзилати ӯ дар назди Аллоҳ таъоло баланд бардошта мешавад. Дар ин замина фармудаи Аллоҳ таъолост: "**Аллоҳ онҳоеро, ки имон овардаанд ва касонеро, ки аҳли илм мебошанд ба дараҷаҳои баланди савоб ва мартабаҳои ризвон бардорад ва Аллоҳ таъоло ба корҳое, ки мекунед, огоҳ аст. Аз Ӯ чизе махфӣ намемонад ва мувофиқи он шуморо ҷазо медиҳад.**" (Муҷодала, 11)

- Маносики умра бояд бо таъзим, бузургдошт, муҳаббат ва фурутанӣ ба Аллоҳ, ки Парвардигори ҷаҳониён аст анҷом дода шаванд ва ҳоҷӣ бояд вақти худро дар ин маконҳои бузург бо зикр, такбир, тасбеҳ, таҳмид ва истиғфор гузаронад, зеро ӯ аз он лаҳзае, ки эҳром пӯшидааст то он лаҳзае, ки аз эҳром хориҷ мешавад, дар ибодат қарор дорад. Ҳаҷ ва ё умра амалҳое мисли сайру гашт ва ё дилхушӣ нестанд, ки инсон мувофиқи хостааш амал намояд, чуноне ки мутаассифона аз баъзеи мардум имрӯзҳо ин амалҳо мушоҳида мешаванд. Шахсе ки барои анҷоми ҳаҷ ва ё умра меравад бояд аз суханони бад, аз фисқу фуҷур, аз таҷовуз дар ҳаққи мардум ва азияти онон, аз ғайбату суханчинӣ, аз дашному ҳақорат, аз нигоҳ бо номаҳрамон худдорӣ намояд, зеро ин амалҳо дар ҳоли эҳром ва берун аз эҳром гуноҳ ва ҳаром мебошанд,

дар ҳоле ки ҳаром будани анҷоми ингуна аъмол дар ҳоли дар эҳром будан, бештар мебошад.

- Бояд тазаккур дод, ки дар ин китоб аз овардани ихтилофи назари олимони дин дар робита бо масъалаҳои ҳаҷ ва умра сарфи назар карда шудааст ва дар ҳеҷ маърифате баёни ихтилофи олимон муфассалан зикр карда намешавад, зеро манзур аз ин навиштани китоб, расонидани чигунагӣ ва сифати умра ва ҳаҷҷи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои хонандагон мебошад. Ҳамчунин дар ин навиштаи кучак имкони овардани ҳамаи назарияҳо, далелҳо ва матлабҳои олимони дин ва мазҳабҳои мухталиф ғайриимкон буда, балки барои хонандагон низ душворӣ меорад. Аз ин лиҳоз дар масъалаҳои ихтилофӣ, ба мисли суннат, воҷиб ва ё фарз будани масъалае, ки назарот ва натиҷагирии олимон гуногун мебошад, онеро қайд намудаем, ки он дар Ислом бар асоси оятҳои Қуръон ва ё аҳодиси саҳеҳ машрӯъият дорад ва амал намудан бар он тибқи санадҳои саҳеҳ собит шудааст.

- Ҷои зикр аст, ки манзур аз истифодаи лафзи *"маърифат"*, ки дар ҳар қисмати ин китоб барои хонанда равшан мешавад, ин яъне *"илм, дониш, шинохт, фаҳм ва дарк"*-и мавзӯъҳои матраҳшуда мебошад ва тарҷумаҳо ва тафсирҳое, ки дар ин китоб зикр карда шудаанд, тарҷумаҳои озод ва маъноӣ буда, аз овардани тарҷумаҳои таҳтуллафзӣ худдорӣ шудааст, зеро манзури мо расонидан ва фаҳмонидани паёмҳои илоҳӣ ба хонандагон мебошад.

**Маърифати 1-ум: Маккаи мукаррама**

*Маълумоти кӯтоҳе аз таърихи Маккаи мукаррама*

Таърихи Маккаи мукаррама ба қарни 19-уми қабл аз милод дар аҳди Иброҳим ва Исмоил алайҳимуссалом, ки онҳо нахустин сокинони он буданд, рост меояд. Аллоҳ ба нақл аз Иброҳим алайҳиссалом чунин мефармояд:

**رَبَّنا إِنّي أَسكَنتُ مِن ذُرِّيَّتي بِوادٍ غَيرِ ذي زَرعٍ عِندَ بَيتِكَ المُحَرَّمِ رَبَّنا لِيُقيمُوا الصَّلاةَ فَاجعَل أَفئِدَةً مِنَ النّاسِ تَهوي إِلَيهِم وَارزُقهُم مِنَ الثَّمَراتِ لَعَلَّهُم يَشكُرونَ**

**"Эй Парвардигори мо, баъзе аз фарзандонамро ба водии бекишт (нокорам), наздики хонаи гиромии Ту ҷой додаам. Эй Парвардигори мо, ин ҳамаро бо фармони Ту анҷом додаам, то намозро барпо доранд. Дилҳои мардумонро чунон бикун, ки таваҷҷӯҳ ба онҳо (ба Каъба ва ба аҳли он)**

**бикунанд ва аз меваҳои гуногун рӯзиашон бидеҳ, бошад ки сипос гузоранд!"** (Иброҳим, 37) Аллоҳ таъоло ба баракати дуъои Иброҳим алайҳиссалом оби Замзамро дар онҷо дар замоне ба вуҷуд овард, ки об ва ғизои модари Исмоил алайҳиссалом Ҳоҷар, хотима ёфта буд. Аз ҳамон замон қабилаҳои Араб ба мавзеъи об рӯ оварданд ва зиндагӣ дар онҷо шурӯъ шуд. Қабилаҳо ҳамчунон ба ҷойгузин шудан идома доданд ва рӯз ба рӯз теъдодашон зиёд мешуд, то дараҷае ки подшоҳӣ ва салтанат ба Қурайш расид, то дар онҷо ҳокимият намояд. Билохира Паёмбари Ислом алайҳиссалом зуҳур намуданд, ки дар тағйири зиндагӣ дар Маккаи мукаррама, дар ҷазираи араб ва умуман дар ҷаҳон таъсири басазое доштанд. Паёмбар алайҳиссалом дар Маккаи мукаррама ба паёмбарӣ мабъус шуданд ва Каъбаи муаззама қиблаи мусалмонон қарор гирифт.

Маккаи мукаррама ҳамчун гаҳвораи даъвати Ислом гардид ва Паёмбар алайҳиссалом ба муддати 13 – сол мардумро ба сӯи тавҳид ва яктопарастӣ даъват намуданд, то ин ки ба Мадинаи мунаввара ҳиҷрат намоянд. Дар Мадина Паёмбар алайҳиссалом давлати исломиро ташкил намуданд ва пас аз он Паёмбар алайҳиссалом фотеҳона вориди Маккаи мукаррама гаштанд, ки аз он замон то асри мо Маккаи мукаррама сарзамини Ислом будааст. Маккаи мукаррама, ба хусус Ҳарами маккӣ мавриди таваҷҷӯҳ ва эҳтимоми хулафо ва ҳокимони мусалмонон будааст, ки онҳо ба тавсеъа ва такомули он иқдом кардаанд ва онро ба маркази нӯрафшонии Ислом ба ҷаҳониён табдил намудаанд. Яке аз номҳои дигари Макка ба лафзи ***"Бакка"*** низ дар Қуръони карим зикр шудааст. Аллоҳ таъоло хабар медиҳад: **"Нахустин хонае, ки барои ибодати мардум бино шуда ҳамонаст, ки дар Бакка буда, муборак ва ҳидоят барои ҷаҳониён мебошад."** (Оли Имрон, 96)

*Фазилати Маккаи мукаррама*

1. Маккаи мукаррама нахустин хонаест, ки барои ибодати мардум бино шудааст. Аллоҳ таъоло мефармояд: **"Нахустин хонае, ки барои ибодати мардум бино шуда ҳамонаст, ки дар Бакка буда, муборак ва ҳидоят барои ҷаҳониён аст."** (Оли Имрон, 96)

2. Маккаи мукаррама амният аст барои касе, ки ба он ворид мешавад. Аллоҳи мутаъол фармудааст: **"Ҳар кас вориди он (ҳарами Макка) шуд, пас дар амн ва амният мебошад."** (Оли Имрон 97)

3. Даҷҷол ва тоун ба Маккаи мукаррама дохил намешаванд. Паёмбар алайҳиссалом хабар медиҳанд: ***“Мадина ва Макка пур аз фариштагон мебошанд, ки бар сари ҳар роҳи он фариштаест ва Даҷҷол ва тоун ба онҳо дохил намешаванд.”***

4. Намоз дар Масҷиди ҳаром беҳтар аз 100 000 (сад ҳазор) намоз нисбати намоз хондан дар дигар масоҷид аст. Паёмбар алайҳиссалом фармуданд: ***"Хондани як намоз дар масҷиди Ҳаром, бартар аст аз 100 000 (сад ҳазор) – маротиба намоз хондан дар ғайри он."***

5. Маккаи мукаррама беҳтарин ва маҳбубтарин сарзамин дар назди Аллоҳ таъолост. Паёмбар алайҳиссалом фармудаанд: ***"Қасам ба Аллоҳ, ки ту беҳтарин ва маҳбубтарин сарзамин дар назди Аллоҳ ҳастӣ."***

*Ҳукмҳои хосе барои ҳарами Макка вуҷуд доранд, ки инҳо мебошанд:*

1. Азоби сахт барои касе, ки дар ҳарами Макка ба фикри баде афтад, чи онро амалӣ созад ва ё онро амалӣ насозад. Аллоҳи мутаъол мефармояд: **"Ҳар касе, ки аз рӯи зулм дар ҳарами Макка иродаи маъсияти Аллоҳро бикунад, пас ӯро аз азоби дардноке мечашонем."** (Ҳаҷ 25) Ҳамчунин Паёмбар алайҳиссалом фамудаанд: ***"Бадтарини мардум назди Аллоҳ се гурӯҳи инсонҳо мебошанд, ки яке аз онҳо шахси мулҳидест, ки дар ҳарам бошад."*** Манзур ал лафзи “мулҳид” дар ин ҳадис, касест, ки қасд ва нияти анҷоми амали бад ва ё нофармонии Аллоҳ ва Расулашро дошта бошад.

2. Ҷанг ва хунрезӣ дар Маккаи мукаррама ҳаром аст. Аллоҳи мутаъол фармудааст: ***"Замоне, ки хонаи Каъбаро савобгоҳ ва амн барои мардум гардонидем."*** (Бақара 125) Пас ҳар касе, ки ба Маккаи мукаррама ворид мешавад, дар амн аст ва ба ҳамин далел Паёмбар алайҳиссалом фармудаанд: ***"Барои ҳеҷ як аз шумо ҳалол нест, ки дар Макка силоҳ бардорад."*** (Ривояти Муслим) Ҳамчунин Паёмбар алайҳиссалом фармудаанд: ***"Аллоҳ таъоло Маккаи мукаррамаро ҳаром гардонидааст, на ин ки мардум онро ҳарам карда бошанд, пас барои касе ки ба Аллоҳ ва рӯзи охират***

***имон дорад, ҳалол нест, ки дар он даст ба хунрезӣ бизанад ва дарахтони Маккаи мукаррама низ қатъ карда намешаванд."***

Бар асоси ин фармудаҳо ва манъшудаҳо бар он ҳарам номгузорӣ шудааст.

3. Дохил шудани куффор ва мушрикон дар ҳарами Макка ҳаром аст. Аллоҳ таъоло хабар медиҳад: **"Эй касоне ки имон овардаед! Мушрикон палиданд, пас аз имсол ба баъд бояд онҳо ба масҷиди Ҳаром наздик нашаванд."** (Тавба 28) Ҳамчунин Паёмбар алайҳиссалом дар Мино буданд ва амр намуданд, ки эълон карда шавад: ***"Баъд аз ин сол (яъне пас аз соли нуҳуми ҳиҷрӣ) ҳеҷ мушрике ҳаҷ накунад ва ҳеҷ кас дар ҳолати урён тавофи Каъбаро анҷом надиҳад."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 369)

4. Шикор, буридани дарахтон ва гирифтани чизҳои гумшуда дар ҳарами Макка ҳаром мебошанд. Паёмбар алайҳиссалом хабар медиҳанд: ***"Аллоҳ таъоло Маккаи мукаррамаро ҳаром гардонид, ки барои ҳеҷ касе пеш аз ман ва баъд аз ман Маккаи мукаррама ҳалол нашудааст, ба ҷуз барои ман, ки соате аз рӯз он ҳалол гардонида шуд. Гиёҳи тари он бояд дарав карда нашавад, дарахтонаш қатъ карда нашаванд, сайдаш низ бояд шикор карда нашавад ва ҳамчунин ёфташудаашро бояд касе набардорад, магар дар ҳолате ки ӯ соҳибашро бишиносад."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 2433)

**Маърифати 2-юм: Мадинаи набавӣ**

Зиёрати масҷиди Паёмбар алайҳиссалом аз шартҳо ва ё аркону воҷиботи ҳаҷ набуда, балки суннати ҷудогонаест, ки дар ҳар вақту замон зиёрат кардани он ҷоиз мебошад. Шахс иҷоза дорад ва ҳатто суннат ҳам мебошад, ки барои зиёрати масҷиди набавӣ ва адои намоз дар он рахти сафар бандад, ки албатта мақсад аз сафар бояд танҳо намоз хондан дар масҷиди набавӣ бошад ва баъд аз рафтан ба Мадина ӯ метавонад зиёрати қабри Паёмбар алайҳиссалом, қабристони Бақеъ ва ё Уҳудро низ анҷом диҳад. Яъне мақсад аз сафар кардан ба масҷиди набавӣ бояд зиёрат ва намоз хондан дар он бошад, зеро намоз дар масҷиди набавӣ беҳтар аз 1000 (ҳазор) – маротиба намоз хондан нисбати дигар масҷидҳост, ба ҷуз аз масҷиди Каъба, ки намоз хондан дар масҷиди Каъба беҳтар аз 100 000 (сад ҳазор) – маротиба нисбат ба дигар масҷидҳо бартарият дорад. Паёмбар алайҳиссалом дар ин замина фармудаанд: ***"Сафар кардан бо мақсади ибодат ба ҳеҷ ҷое аз дунё иҷоза нест магар ба сӯи се***

***масҷид, масҷиди Ҳаром, масҷиди ман (масҷиди набавӣ) ва масҷиди Ақсо."*** (Саҳеҳи Муслим)

*Номҳои шаҳри Мадина*[1]

1. ***Ал-Мадина*** (**المدينة**): Аллоҳи мутаъол фармудааст: **"Мегӯянд замоне, ки ба Мадина баргаштем..."** (Мунофиқун, 8) Аллоҳ таъоло дар ин хабари худ ин шаҳрро Мадина номгузорӣ кардаанд.

2. ***Тобаҳ*** (**طابة**): Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам хабар додаанд: ***"Аллоҳ шаҳри Мадинаро Тобаҳ низ номидааст."*** (Саҳеҳи Муслим, 1385)

3. ***Тайййибаҳ*** (**طيبة**): Паёмбар алайҳиссалом хабар додаанд: ***"Ин (шаҳри Мадина) тайййибаҳ аст ва гуноҳонро маҳв мекунад, чуноне ки оташ палидии нуқраро нобуд мекунад."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 4050)

*Фазоили шаҳри Мадина - шаҳри Паёмбар алайҳиссалом*

1. Расулуллоҳ алайҳиссалом фармудаанд: ***"Мадина барои мӯъминин ва мусалмонон беҳтар аст, агар медонистанд. Касе онро бо рағбати худ тарк намекунад, магар ин ки Аллоҳи мутаъол ба ивази ӯ каси дигареро, ки беҳтар аз ӯ мебошад, дар ин шаҳр ҷой бидиҳад. Ҳар касе, ки ба сахтии зиндагии он пойдор монад, ман шафеъ ва ё шоҳиди ӯ дар рӯзи қиёматам."*** (Саҳеҳи Муслим, 1363)

2. Паёмбар алайҳиссалом фармудаанд: ***"Ба ман амр шудааст, ки ба қарияе, ки бар дигар қарияҳо ғалаба мекунад ва ӯро Ясриб меноманд, ҳиҷрат кунам, ки он шаҳри Мадина аст. Мадина мардуми палид ва бадро аз худ меронад, монанди ин, ки минфахи кураи оҳангар (дами оҳангар) палидиҳои оҳанро дур мекунад."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1871) Ин ҳадис баёнгари он аст, ки дар ҷоҳилият Мадинаро Ясриб меномиданд ва шоистааст, ки имрӯз ба ин шаҳр Мадина гуфта шавад. Ҳамчунин Паёмбар алайҳиссалом хабар медиҳад, ки мардуми Мадина ба дигар сарзаминҳо ғалаба мекунанд ва ин шаҳр маркази лашкарҳои исломӣ мегардад ва бадону палидонро аз миёни мардум берун месозад.

*Хусусиятҳои Мадинаи набавӣ*

[1] Ҷойи зикр аст, ки калимаи "Мадина" калимаи арабӣ буда, маънои "шаҳр"-ро дорад ва қабл аз ҳиҷрати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ин шаҳрро Ясриб меномиданд.

1. Шаҳри Мадина ҳамчун ҳарами амне дар мобайни ду водӣ, яъне водии Ийр ва водии Савр қарор дорад, ки дарахтонаш қатъ намешаванд ва сайдаш низ шикор карда намешавад. Паёмбар алайҳиссалом фармуданд: ***"Мадина миёни Ийр ва Савр ҳарам аст ва касе ки дар он бидъати мухолифи суннат эҷод бикунад ва ё кори бидъатеро кумак бикунад, пас лаънати Аллоҳ, лаънати фариштагон ва ҳамаи мардум бар ӯ бод."*** (Саҳеҳи Муслим, 1370)

2. Намоз хондан дар масҷиди набавӣ, ки дар шаҳри Мадина қарор дорад, нисбати намоз хондан дар дигар масҷидҳо 1000 (ҳазор) – маротиба бартарӣ дорад, ба ҷуз дар масҷиди Ҳаром. Расулуллоҳ алайҳиссалом фармуданд: ***"Як намоз дар масҷиди ман, беҳтар аз ҳазор намоз дар ғайри он аст, магар дар масҷиди Ҳаром."*** (Саҳеҳи Бухорӣ)

3. Дар шаҳри Мадина боғе аз боғҳои биҳишт вуҷуд дорад: Паёмбар алайҳиссалом фармудаанд: ***"Миёни хона ва минбарам боғе аз боғҳои биҳишт мебошад ва минбарам бар сари ҳавзи ман қарор дорад."*** (Ривояти Тирмизӣ)

4. Масеҳи Даҷҷол дар охири замон зуҳур мекунад, аммо ба шаҳри Мадина дохил намешавад ва тоун (навъи вабо ва бемории сироятие, ки ба ҳалокат ҳам оварда мерасонад) низ ба он намерасад. Паёмбар алайҳиссалом фармуданд: ***"Даҷҷол ба Мадина меояд, ки фариштагонро посдорони Мадина меёбад ва тоун ва Даҷҷол бо хости Аллоҳ ба ин шаҳр дохил намешаванд."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1880)

5. Паёмбар алайҳиссалом барои баракати шаҳри Мадина дуъо карда, чунин фармудаанд: ***"Бор Илоҳо! Баракати Мадинаро ду баробари баракати Макка бигардон."*** (Саҳеҳи Бухорӣ) Ҳамчунин Паёмбар алайҳиссалом фармудаанд: ***“Иброҳим алайҳиссалом Маккаро ҳарам қарор дод ва барояш дуъо кард. Чуноне ки Иброҳим алайҳиссалом Маккаро ҳарам қарор дод, ман низ Мадинаро ҳарам қарор додаам ва чуноне ки Иброҳим алайҳиссалом барои Макка дуъо кард, ман низ ба муд ва соъи Мадина дуъо кардаам (манзур аз муд ва соъ - ду навъи паймона ё асбоби ченак мебошанд).”*** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим) Ҳадис бар он далолат мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳаққи Мадина дуъои баракат кардаанд, ки дар натиҷа кор ва фаъолият дар Мадина нисбат ба дигар шаҳрҳо ва минтақаҳо баракат ва файзи бештареро дорост.

*Аҳкоми зиёрати масҷиди набавӣ ва одоби он*

Суннат ва машрӯъ он аст, ки шахс рахти сафар барои зиёрати масҷиди набавӣ ва адои намоз дар ин масҷидро бикунад, ки ӯ баъди расидан ба шаҳри Мадина метавонад зиёрати қабри Паёмбар алайҳиссалом ва қабристони Бақеъро низ анҷом бидиҳад.

1. Зоир (зиёраткунанда) ҳангоме, ки ба масҷиди набавӣ мерасад, пои рости худро пеш карда, вориди он мешавад ва мегӯяд: ***"Эй бор Илоҳо! Дарҳои раҳмати худро бар ман бикушой."***

2. Зоир ҳангоме, ки ба масҷид ворид мешавад ду ракат намози таҳияи масҷид бихонад, зеро Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам ҳар бор, ки вориди масҷид мешуданд, ду ракат намоз мехонданд.

3. Зиёрати қабри Паёмбар алайҳиссалом ва ҳамчунин зиёрати ду ёри бовафои Паёмбар алайҳиссалом, Абубакр ва Умар разияллоҳу анҳумо суннат мебошад. Шахси зиёраткунанда бояд дар баробари қабри Паёмбар алайҳиссалом бо одоб ва бо садои паст дуруд бифиристад ва пас аз он бар Абубакр ва сипас ба Умари Форуқ салом бидиҳад.

4. Барои зиёраткунандаи масҷиди набавӣ суннат аст, то намозҳои панҷгонаро дар масҷиди Паёмбар алайҳиссалом адо кунад ва дар он зикри Аллоҳ ва дуъои бисёр бикунад.

5. Суннат он аст, ки ӯ ба зиёрати масҷиди Қубо барои адои намоз биравад, ба далели ин ҳадиси Ибни Умар разияллоҳу анҳу, ки фармудааст: ***"Паёмбар алайҳиссалом ба масҷиди Қубо савор бар маркаб ва ё пиёда меомаданд ва дар онҷо ду ракат намоз мехонданд."*** (Саҳеҳи Муслим) Ҳамчунин Паёмбар алайҳиссалом дар бораи аҷру савоби он фармудааст:

**مَنْ تَطَهَّرَ في بيتِهِ، ثُمَّ أتى مسْجِدَ قُباءٍ فصلّى فيه، كان لَهُ كأجْرِ عمرَةٍ**

***"Ҳар касе дар хонаи худ таҳорат бикунад, пас ба масҷиди Қубо биёяд ва дар он ду ракат намоз бигузорад, барои ӯ аҷри як ҳаҷи умра дода мешавад."*** (Саҳеҳи Ҷомеъ, 6154)

6. Зиёрати қабристони Бақеъ[2] ва шуҳадои Уҳуд низ суннат мебошад, зеро ки Паёмбар алайҳиссалом ба зиёрати онҳо мерафтанд ва барояшон чунин дуъо мекарданд: ***"Салом бар шумо мӯъминон ва мусалмонони аҳли ин сарзамин, аз Аллоҳ барои мо шумо офият талаб мекунам."*** (Саҳеҳи Муслим)

**Маърифати 3-юм: Мафҳуми умра**

Умра дар луғат ба маънои зиёрат кардан ва обод нигоҳ доштан аст, аммо дар истилоҳи шаръ бошад умра ин маъниро ифода мекунад: *"Қасди зиёрати Каъбатуллоҳ бо пушидани эҳром, тафови Каъба, саъйи (рафту омади) байни Сафову Марва ва ҳалол шудан ё хориҷ шудан аз эҳром бо тарошидан ё кӯтоҳ кардани мӯйи сар."* Ба иборати дигар умра дар шариъат яъне холисона қасди зиёрати Каъбатуллоҳро кардан, бо он равиш ва усуле, ки Паёмбар алайҳиссалом онро анҷом додаанд. Умра аз умури зерин иборат аст:

***1. Эҳром***

***2. Тавофи Каъба***

***3. Саъйи миёни Сафо ва Марва***

***4. Тарошидан ва ё кӯтоҳ кардани мӯйи сар***

Аз ин умури чаҳоргона дутои он, эҳром ва тавоф фарз буда ва дутои дигар, яъне саъй ва тарошидан ё кӯтоҳ кардани мӯйи сар воҷиб мебошанд. Бояд қайд кард, ки умра, ки ҷузъе аз ибодатҳо ба ҳисоб меравад, мисли ҳамаи ибодатҳои дигар бояд холисона барои Аллоҳ анҷом дода шавад, чунонки Аллоҳ таъоло дар ин замина мефармояд:

**فَاعْبُدِ اللهَ مُخْلِصاً لَهُ الدِّينَ * أَلا لِلهِ الدِّينُ الْخَالِصُ**

**"Пас Аллоҳро бипараст ва ибодати худро барои Ӯ холис гардон. Огоҳ бошед, ки ибодатҳо холис аз они Аллоҳ мебошанд."** (Зумар, 2-3) Маънои ихлос ба Аллоҳ дар ибодат ин аст, ки банда ибодатро бояд танҳо бо муҳаббати Аллоҳ таъоло, бо таъзим ва бо умеди савоб ва ризои Ӯ иҷро намояд.

Далеле, ки бояд умра бо дастуроти Паёмбар алайҳиссалом анҷом дода шавад, ин фармудаи Паёмбар алайҳиссалом аст:

[2] Бақеъ ин номи қабристонест, ки дар он шумораи зиёде аз саҳобаҳои киром ба хок супурда шудаанд.

**يا أَيُّها الناسُ خُذُوا عَنِّي مناسكَكم**

***"Эй мардум, ҳаҷ ва умраатонро ҳамон гунае, ки ман анҷом додаам, анҷом бидиҳед."*** (Саҳеҳи Муслим, 1297)

**Маърифати 4-ум: Ҳукми умра ва шартҳои он**

Фармудаи Аллоҳ таъоло дар ин замина:

وَأَتِمُّواْ ٱلۡحَجَّ وَٱلۡعُمۡرَةَ لِلَّهِۚ

**"Ҳаҷ ва умраро барои Аллоҳ комил ба ҷой оред."** (Бақара, 196) Ин фармудаи Аллоҳ таъоло далолат бар он мекунад, ки адо ва комил баҷо овардани умра, барои ҳар умракунанда воҷиб буда ва донистани аҳкоми умра низ воҷиб мебошад, зеро анҷом додани ҳар ибодат дар назди Аллоҳ таъоло бар асоси илму маърифат ҷойгоҳи хоси худро дорад.

Ҳукми як бор адо намудани умра дар тамоми умр барои касоне, ки қудрат ва тавоноии расидан ба Маккаи мукаррамаро дошта бошанд, суннати муаккада ба ҳисоб меравад, дар ҳоле ки баъзе аз олимон бар ин назаранд, ки ин амр суннати муаккада набуда, балки воҷиб мебошад. Сабаби ихтилофи донишмандон дар ин масъала, бар асоси фаҳм ва равиши оятҳо ва ҳадисҳои Паёмбар алайҳиссалом мебошад, ки мо дар инҷо аз овардани ин матлабҳо худдорӣ мекунем, зеро манзури мо дар ин навишта танҳо расонидани маълумоти умумӣ ва мухтасар барои хонандагон мебошад.

Шартҳои анҷом додан умра дар шариъат, ки воҷиб мебошанд, инҳо ба ҳисоб меравbooанд:

***1. Мусалмон будан***

***2. Доштани ақли солим***

***3. Болиғ будан***

***4. Озод будан***

***5. Доштани тавоноии молӣ ва ҷисмонӣ***

***6. Иловатан барои зан, доштани маҳрам ҳангоми адои умра***

Баёни далели шартҳои зикршуда:

- Далели мусалмон будан, ки ин шарт дар ҳамаи ибодатҳо ҳатмӣ мебошад, зеро ибодат аз шахси ғайри мусалмон қабул карда намешавад. Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَمَا مَنَعَهُمْ أَنْ تُقْبَلَ مِنْهُمْ نَفَقَاتُهُمْ إِلا أَنَّهُمْ كَفَرُوا بِاللَّهِ وَبِرَسُولِهِ

**"Ҳеҷ чиз монеъи қабули садақаҳои онҳо нашуд, ҷуз ин ки онҳо ба Аллоҳ ва Пайғамбараш кофир шуданд."** (Тавба, 54) Бинобар ин, шахси ғайри мусалмон аввал ба мусалмон шуданаш даъват карда мешавад ва агар ӯ Исломро бипазирад, сипас ӯ ба намоз, закот, рӯза, ҳаҷ ва дигар ибодатҳо амр карда мешавад.

- Далелҳои болиғ ва оқил будан. Фармудаи Паёмбар алайҳиссалом дар ин замина:

رفعَ القلمُ عن ثلاثةٍ: عنِ النّائمِ حتّى يستيقِظَ، وعنِ الصَّبيِّ حتّى يحتلمَ، وعنِ المَجنونِ حتّى يعقِلَ

***"Қалам аз 3-нафар бардошта шудааст, аз шахсе, ки хобидааст, то вақте ки бедор шавад, аз кӯдак то вақте ки ба балоғат бирасад ва аз девона то вақте ки солимақл гардад".*** (Ривояти Абудовуд, 4403 / Ҳадиси саҳеҳ аст) Бинобар ин, ҳаҷ ва умра бар кӯдак воҷиб нест, вале агар дар сурати ҳаҷ ё умра кардан, валияш бо кӯдак якҷо бошад, пас ҳаҷ ва умраи кӯдак дуруст буда, савоби ҳаҷ ба ӯ ва ҳам ба валияш дода мешавад. Зеро ҳангоме, ки зане дар замони анҷом додани ҳаҷ кӯдакеро ба Паёмбар дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод баланд карда нишон дод ва гуфт: ***“Оё барои ин ҳам (кӯдаки дар дасташ буда) ҳаҷ аст?”*** Паёмбар алайҳиссалом фармуд: ***“Бале ва барои ту ва кӯдак аҷр аст.”*** (Ривояти Муслим)

- Далели шарти озод будани банда аз ғуломӣ. Фармудаи Аллоҳ таъоло:

وَلِلَّهِ عَلَى ٱلنَّاسِ حِجُّ ٱلۡبَيۡتِ مَنِ ٱسۡتَطَاعَ إِلَيۡهِ سَبِيلاًۚ

**"Ҳаҷҷи Каъба барои касоне воҷиб аст, ки тавоноии рафтан ба сӯи онро дошта бошанд."** (Оли Имрон, 97) Шахси ғулом маъмулан машғули адо намудани ҳаққи сардори худ аст ва тавон ва иродаи ӯ дар дасти худ нест, аз ин сабаб Ислом яке аз шартҳои воҷиб будани умраро озодии шахс гузоштааст.

- Ҳадиси зер далел аст барои болиғ будан, оқил будан ва ҳамчунин озод будани шахс:

أيما صبيٍّ حجَّ، ثم بلغ الحِنْثَ، فعليه أن يحجَّ حجَّةً أخرى، وأيما أعرابيٍّ حجَّ ثم هاجر فعليه أن يحجَّ حجةً أخرى وأيما عبدٍ حجَّ ثم أُعتِقَ، فعليه أن يحُجَّ حجَّةً أُخرى

***"Кадом кӯдаке, ки ҳаҷ ва ё умра кард ва пас ба балоғат расид, бар ӯ фарз мегардад, ки як бори дигар ҳаҷ ва ё умра бикунад ва ҳар ғайри мусалмоне ҳаҷ ва ё умра бикунад ва баъдан Ислом биёварад, пас бар ӯ ҳатмист ки як ҳаҷ ва ё умраи дигар анҷом диҳад. Кадом ғуломе, ки ҳаҷ ва ё умра бикунад ва пас озод шуд, бояд***

***ҳаҷ ва ё умраашро бори дигар анҷом диҳад."*** (Саҳеҳи Ҷомиъ, 2729) Аз ин ҳадис маъмул мешавад, ки агар шахси ғайри мусалмон ҳангоми мусалмон набуданаш ҳаҷ ва ё умра анҷом дода бошад, пас бояд аз ба Ислом мушарраф шуданаш ҳаҷ ва умраашро такроран адо намояд, зеро дар ҳангоми ҳаҷ ва ё умраи аввалаш ӯ мусалмон набуд. Ҳамчунин ин амр барои кӯдак ва ғулом низ таъкид шудааст, ки кӯдак пас аз ба балоғат расиданаш ва ғулом баъд аз озод шуданаш он ҳаҷ ва ё умраеро, ки анҷом додаанд, бояд такроран анҷом диҳанд, гарчанде ки савоби ҳаҷ ва умраи аввалро низ ба даст овардаанд.

- Далели тавоноӣ ва қудрати анҷоми умра дар ин фармудаи Аллоҳ таъолост:

**وَللهِ عَلَى النَّاسِ حِجُّ الْبَيْتِ مَن اسْتَطَاعَ إِلَيْهِ سَبِيلًا**

**"Ҳаҷҷи Каъба барои касоне воҷиб аст, ки тавоноии рафтан ба сӯи онро дошта бошанд."** (Оли Имрон, 97) Мурод аз тавоноӣ, ки дар ин оят омадааст, тавоноии ҷисмонӣ ва ҳам тавоноии молӣ мебошад ва зери мафҳуми тавоноии ҷисмонӣ касе дар назар дошта шудааст, ки дорои ҷисми солим бошад ва қудрати таҳаммули машаққати сафар ба хонаи Аллоҳро дошта бошад ва манзур аз тавоноии молӣ ин аст, ки шахс бояд тавони пардохти ҳароҷотҳои рафтуомади хонаи Аллоҳро дошта бошад.

- Далели бо маҳрам будани зан дар сафари умра дар ин фармудаи Паёмбар салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод омадааст: ***"Ҷоиз нест барои зане, ки ба Аллоҳ ва рӯзи охират имон овардааст масофаи як шабонарӯзро сафар бикунад, магар бо маҳрам."*** (Саҳеҳи Муслим, 2/977) Ҳамчунин Паёмбар салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод фармуданд: ***"Ҷоиз нест барои зане, ки ба Аллоҳ ва рӯзи қиёмат имон овардааст сафаре бикунад, ки аз се рӯз зиёд бошад, магар ин ки дар ин сафар ӯро падараш ё писараш ё шавҳараш ё бародараш ва ё маҳрами дигараш ҳамроҳӣ бикунад."*** (Саҳеҳи Муслим, 2/977)

Ин масъала яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки мутаассифона имрӯзҳо ба хубӣ риоя карда намешавад, аз ин сабаб тасмим гирифтем дар робита бо ин масъала тавзеҳи бештаре пешкаши хонандагон бигардонем.

Яке аз ҳикматҳои сафар кардани зани бемаҳрам ин аст, ки ин амал сабаб мешавад то мардони фосиқ ва фоҷир бар ӯ дастдарозӣ бикунанд ва ӯро зарар

бирасонанд, дар ҳолате, ки зан худ ҷисман заиф мебошад. Дар ин ҳолатҳо зан ба гуноҳ ва маъсият гирифтор мешавад, ки камтарини он ин аст, ки номус ва шарафи ӯ зери савол меравад, вале ҳаҷ намудани зан бидуни маҳрам саҳеҳ аст, аммо зан бо ин амал гунаҳкор мешавад, чун бар хилофи дастуроти Паёмбар алайҳиссалом ин амрро анҷом додааст.[3] Ҳамчунин дар ин масъала аз Паёмбар дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод чунин ривоят омадааст: ***"Зан танҳо бо маҳрами хеш сафар мекунад."*** (Бухорӣ, 1862) Барои возеҳ ва равшантар шудани ин ҳадис ва ин масъала, ки дар асл, кӣ метавонад ҳамчун маҳрам барои зан бошад ё Ислом киро ҳамчун маҳрам барои зан интихоб кардааст, шариъат масъалаи маҳрамиятро чунин тавзеҳ додааст:

Маҳрами зан аввалан шавҳари ӯст, баъдан ҳар шахсе, ки бо сабаби насаб, бо сабаби ширхорагӣ ва ё бо сабаби издивоҷ бар ӯ ҳаром гаштааст. Муфассалан дар ин сурат, яъне аввалан шавҳари зан барои ӯ маҳрами ӯст, баъдан нафароне, ки бо сабаби насаб бар ӯ маҳрам гаштаанд, ки онҳо бародар, амак, тағо, падарбузург, писари бародар, писари аппаву хоҳари зан мебошанд. Баъдан нафароне, ки бо сабаби ширхорагӣ бар зан маҳрам шудаанд, яъне агар зан дар даврони тифлиаш аз ҳар зане шир хӯрда бошад, писарони он зани ширдеҳ барои ин зан ҳамчун бародар мешаванд, зеро ҳарду аз як модар шир хӯрдаанд. Ҳамчунин бародарони ин зани ширдеҳ, барои зан тағоӣ мешаванд, шавҳари зани ширдеҳ маҳрами ин зан мешавад, набераҳои зани ширдеҳ барои зан маҳрам мешаванд. Дар охир нафаре, ки бо сабаби издивоҷи зан бар ӯ маҳрам гаштааст, ки падари шавҳараш ё ба истилоҳ хусураш мебошад, ки зан метавонад бо яке аз афроди дар боло зикршуда ба сафари ҳаҷ биравад.

Шавҳари хоҳар, шавҳари хола ва ё шавҳари амма барои зан маҳрам хисобида намешаванд ва баъзе аз занон саҳлангорӣ намуда, ҳамроҳ бо хоҳар ва шавҳари хоҳараш ва ё бо холааш ва шавҳари холааш сафар мекунанд, ки ин амалкарди онҳо ҳаром аст. Зеро чигунае ки қайд шуд, шавҳари хоҳар ва ё шавҳари хола маҳрами зан ҳисобида намешаванд ва ба ин гуна занҳо дуруст нест, ки бо чунин мардон сафар бикунанд. Чигунае, ки зикр шуд хавфи он низ вуҷуд дорад, ки ҳаҷҷи ин гуна занон ҳаҷҷи саҳеҳ ва дурусте набошад, зеро ҳаҷ замоне саҳеҳ ва дуруст мешавад, ки бо

[3] Ногуфта намонад, ки дар байни мазҳабҳои исломӣ барои саҳеҳ будан ё саҳеҳ набудани ҳаҷҷи зане, ки бидуни маҳрам ҳаҷро анҷом додааст, ихтилофи назар вуҷуд дорад.

гунох омезиш нашуда бошад. Ин гуна заноне, ки бидуни маҳрам ба ҳаҷ сафар мекунанд, дар тамоми муддати сафар то баргаштан гунаҳгор шуморида мешаванд.

Маҳрами зан бояд дорои чаҳор хусусият бошад, яъне маҳрам бояд мусалмон, болиғ, оқил ва мард бошад, зеро мақсад аз маҳрам доштани зан дар сафар, ҳифз ва нигоҳдорӣ кардани зан аст.

Дар робита бо ҳаҷҷи нофила, яъне ҳаҷҷе ки баъди адои маросими ҳаҷҷи фарзӣ ва умра, бори дуввум ё саввум сурат мегирад, Ибни Мунзир назари ҷамъи донишмандонро нақл кардааст, ки онҳо чунин мегӯянд: *“Шавҳар ҳақ дорад, ки ҳамсари худро аз ҳаҷҷи нофила манъ бикунад, зеро иҷрои он воҷиб ё фарз намебошад. Ҳаққи шавҳар бар зан воҷиб аст ва набояд зан ба хотири амале, ки фарз ва воҷиб нест, аз итоати шавҳараш берун бишавад.”* (Ал-Муғнӣ, 5/35)

**Маърифати 5-ум: Рукнҳои умра**

Умра дорои 3 рукн мебошад, ки дар зер шарҳ дода мешаванд:

**1. Эҳром бастан, ки мақсад аз он нияти ворид шудан дар умра аст.**

**2. Тавофи умра**

**3. Саъйи (рафту омади) байни Сафо ва Марва**

Ҳеҷ як аз умра бидуни анҷоми аркони мазкур комил намегардад, аз ин лиҳоз анҷоми ҳар як аз аркони зикршуда ҳатмӣ ва зарурист. Баёни далели арконҳои зикршуда:

1. Далели ин ки нияти умра дар миқот (ҷои муайянни эҳромбандии ҳоҷиён) аз рукнҳои умра мебошад. Фармудаи Паёмбар алайҳиссалом дар ин замина чунин аст:

إِنَّما الأعْمالُ بِالنِّيّاتِ

***"Албатта, ки амалҳо вобаста бо қасд ва нияти шахс мебошанд."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1) Аз ин хотир, ҳоҷиёне, ки қасди зиёрати хонаи Аллоҳро доранд, бояд ниятҳояшонро холис барои Аллоҳ таъоло бигардонанд. Рукни аввали умра эҳром мебошад ва шахси умракунанда ҳангоме ки ба яке аз миқотгоҳ расид, бо нияти анҷом додани умра ду порча либоси нодухтаи эҳромро мепӯшад. Эҳромро, ки ба ҷо овард, фавран нияти худро барои умра муайян месозад, ки бо ин равиш ва тартиб дохил шудан ба эҳроми умра комилан ба ҷо меояд. Ҳангоми бастани эҳром шахс бо дилаш анҷом додани умраро қасд ва ният мекунад, зеро макони ният дил мебошад, аммо

бояд талбияро, ки ҷузве аз зикрҳои дохил шудан ба умра ба ҳисоб меравад, бо забонаш зикр кунад, зеро ин амал суннат мебошад, чуноне ки Паёмбар алайҳиссалом гуфтанд:

لبيك عمرة

***“Лаббайка умратан”*** (Саҳеҳи Муслим, 3018) Лаббайка ба маънии иҷобат ва посух аст ва вақте ҳоҷи лаббайк мегӯяд, манзур ин аст, ки ӯ бо Парвардигори хеш паймон мебандад, ки тамоми дастурот ва фармоишоти илоҳиро анҷом бидиҳад. Ин зикрро ба таври ошкор ва бо садои баланд изҳор намудан суннат аст, ки ният бо талбия пайваст бошад. Гуфтани ин зикрро талбия гӯянд:

لبيكَ اللهمَّ لبيكَ

لبيكَ لا شريكَ لكَ

لبيكَ إنَّ الحمدَ والنعمةَ لكَ والملكَ لا شريكَ لكَ

- ***Лаббайкал лоҳумма лаббайк.***
- ***Лаббайка ло шарика лак.***
- ***Лаббайка иннал ҳамда ван ниъмата лака вал мулк, ло шарика лак.***

*Маънои талбия:*

- *Бор Илоҳо! Барои иҷобати хостаҳо ва адои фармонҳои Ту дар боргоҳи Ту ҳозирам.*
- *Саодатмандам, ки Туро лабайк*[4] *мегӯям. Ҳеҷ шарике барои Ту на дар ибодатҳоят ва на дар номҳову сифотат нест.*
- *Ба даргоҳи Ту ҳозирам, шоистаи тамоми ҳамд ва хубиҳо Ту ҳастӣ ва тамоми неъматҳо аз они Ту ҳастанд ва дар тамоми мавҷудот танҳо Ту фармонравоӣ, ҳар коре бихоҳӣ анҷом медиҳӣ ва барои Ту ҳеч шарик ва ҳамтое дар мулку подшоҳият вуҷуд надорад.*

Талбия дар ин ҷо ворид шудан ба ибодат аст ва ба дил гузаронидани талбия кифоя нест, балки бояд шахс онро ба забон талаффуз намояд, ба андозае, ки ҳадди ақал худаш онро бишнавад, вале баланд гуфтани он беҳтар аст.

---

[4] Ҷои зикр аст, ки лафзи “лаббай”, ки мо дар истилоҳ ва лаҳҷаи тоҷикӣ истифода мебарем, аслаш калимаи арабӣ буда, ҳангоми иҷобат ва қабули сухан ё амре истифода бурда мешавад.

2. Далели ҳафт тавофи Каъбатуллоҳ, ки фармудаи Паёмбар алайҳиссалом дар ин замина чунин аст:

مَنْ طَافَ أُسْبُوعًا، يُحْصِيهِ وَصَلَّى رَكْعَتَيْنِ، كَانَ لَهُ كَعِدْلِ رَقَبَةٍ

***"Ҳар касе бар ин Каъба ҳафт тавоф бикунад ва онро бишуморад ва баъд ду ракат намоз бигузорад, барои ӯ савоби озод кардани як ғулом мебошад."*** (Муснади Имом Аҳмад, 4462 / Ҳадиси саҳеҳ аст.) Шахси умракунанда дар тавофи умра ҳафт бор ба атрофи Каъба давр мезанад. Шахс тавофро аз Ҳаҷарул-асвад шурӯъ мекунад ва хонаи Каъбаро дар тарафи чапи хеш қарор дода, ба ҳамин тартиб, ҳафт давр ба атрофи Каъба тавоф мекунад. Тавоф бо масҳ ё саломи Ҳаҷарул-асвад шурӯъ ва бо масҳ ё саломи он ба поён мерасад ва бо ин тартиб рукни дуввуми умра низ ба поён мерасад.

3. Далели саъйи миёни Сафо ва Марва, ки Аллоҳ таъоло дар ин замина мефармояд:

**إِنَّ الصَّفَا وَالمَروَةَ مِن شَعائِرِ اللَّهِ فَمَن حَجَّ البَيتَ أَوِ اعتَمَرَ فَلا جُناحَ عَلَيهِ أَن يَطَّوَّفَ بِهِما وَمَن تَطَوَّعَ خَيرًا فَإِنَّ اللَّهَ شاكِرٌ عَليمٌ**

**"Сафо ва Марва аз шиорҳои дини Аллоҳ мебошанд. Пас касе, ки қасди хонаи Аллоҳ карда, ҳаҷҷи хонаро ба ҷой меоварад ё умра мегузорад, бар ӯ боке нест, ки дар миёни ин ҳар ду тавоф бикунад, балки тавоф кардан бар ӯ воҷиб аст. Ҳар ки ба рағбати худ амали неке анҷом бидиҳад, бидонад, ки Аллоҳ шукргузори доност!"** (Бақара, 158) Баъд аз анҷом додани ҳафт тавофи Каъбатуллоҳ, сипас ӯ ҳаракат ба сӯи кӯҳи Сафо мекунад ва аз кӯҳи Сафо шурӯъ намуда, ҳаракат ба сӯи кӯҳи Марва мекунад ва ҳангоме ки ба Марва расид, пас ин як даври ҳаракати ӯ аз Сафо то Марва ба итмом мерасад. Ба ҳамин тариқ ӯ ҳафт бор саъй менамояд, яъне ин амалро такрор мекунад, ки ҳаракати ӯ аз Сафо шурӯъ шуда ва дар Марва ба итмом мерасад.

**Маърифати 6-ум: Воҷиботи умра**

Воҷиботи умра ду то мебошанд:

**1. Эҳром бастан аз миқот**

**2. Тарошидан ё кӯтоҳ кардани мӯйи сар**

1. Далели эҳром бастан аз миқот. Паёмбар алайҳиссалом мефармояд:

وَلْيُحْرِمْ أحدُكم في إزارٍ ورِداءٍ

*"Ҳар яке аз шумо бояд эҳромро бо эзор ва ридо бипӯшад."* (Саҳеҳи Бухорӣ, 1838) Ҷойи зикр аст, ки манзур аз лафзи "эзор" ин матоъест, ки духташуда набошад ва ҳар гоҳ шахсе хост эҳром бибандад, бояд ду қитъа либоси нав ва ё шусташуда, ки дӯхта нашуда бошанд, бипӯшонад. Ба ин тарзе, ки якеи онро ба ҷои эзор истифода бурда ва бо дигараш худро бипечонад ва умраро ният бикунад.

2. Далели тарошидан ё кӯтоҳ кардани мӯйи сар. Фармудаи Аллоҳ таъоло:

لَتَدۡخُلُنَّ ٱلۡمَسۡجِدَ ٱلۡحَرَامَ إِن شَآءَ ٱللَّهُ ءَامِنِينَ مُحَلِّقِينَ رُءُوسَكُمۡ وَمُقَصِّرِينَ

**"Албатта Паёмбар ва асҳобаш дар эмин ҳастанд, дар ҳоле ки гурӯҳе мӯйи сар тарошида ва гурӯҳе мӯйи сарашонро кӯтоҳ карда, бе ҳеҷ тарсе аз аҳли ширк ба Масҷидулҳаром дохил мешаванд."** (Фатҳ, 27) Аммо барои занон танҳо кӯтоҳ кардани каме аз мӯйи сарашон ба миқдори сари як ангушт кофӣ аст, ки Паёмбар алайҳиссалом чунин гуфтанд:

ليس على النِّساءِ حَلْقٌ، وإنَّما عليهِنَّ التَّقصير

***"Барои занон тарошидани мӯйи сар нест, балки танҳо кӯтоҳ кардани мӯйи сар аст."*** (Сунани Абудовуд, 1980 / Ҳадиси саҳеҳ аст.) Ҳадис далолаткунандаи он аст, ки занон бояд на танҳо аз мӯйи пеши сар ё аз зулфҳояшон, балки аз ҳамаи муйи сарашон ба андозаи ҳадди ақал, сари як ангушт аз мӯйи худро бибурранд.

Баъзе аз уламои Ислом зикр кардаанд, ки ҳар касе воҷиберо донист ва барқасд тарк кунад, пас забҳи гӯсфанд бар ӯ воҷиб мегардад, аммо агар суннате аз суннатҳои ҳаҷро тарк бикунад, чизе бар ӯ нахоҳад буд ва ба ҷаримае чун қурбонӣ мутаҳаммил нахоҳад гардид.

**Маърифати 7-ум: Суннатҳои умра**

Паёмбар алайҳиссалом мефармояд:

يا أَيُّها الناسُ خُذُوا عَنِّي مناسكَكم

**"Эй мардум, ҳаҷ ва умраатонро ҳамон гунае, ки ман анҷом додаам, анҷом бидиҳед."** (Саҳеҳи Муслим, 1297) Дар асоси ин гузориши Паёмбар алайҳиссалом гуфта мешавад, ки суннатҳои воридшуда дар умра ба умури зерин мебошанд:

- Суннатҳои қавлие, ки Паёмбар алайҳиссалом онҳоро ҳамчун ибодат дар шакли зикр ва дуъо гуфтаанд, монанди талбия, дуъоҳо ва ғайра.

- Суннатҳои феълие, ки Паёмбар алайҳиссалом онҳоро аз боби ибодат анҷом додаанд, монанди ғусл, салом додани Ҳаҷарул-асвад, масҳ кашидани рукни ямонӣ[5] ва ғайра.

Дар ҳолати бастани эҳром ва ё пештар аз он, як силсила омодагиҳоеро, ки суннатҳои Паёмбар алайҳиссалом дар умум бар онҳо далолат мекунанд, ба тартиби зер баён мекунем:

– Шахси умракунанда нохунҳояшро бигирад, мӯйҳои зери ноф ва зери бағалашро тоза намояд ва мӯйлабҳояшро низ кӯтоҳ кунад, зеро пас аз бастани эҳром то замони аз эҳром берун гаштан, анҷоми ин амалҳо мамнӯъ ва ҳаром мебошанд.

- Умракунанда агар бихоҳад, метавонад пеш аз бастани эҳром бар худ хушбӯӣ ва атр бизанад, зеро ин кор низ дар ҳолати эҳром будан ҷоиз намебошад.

– Либоси эҳромкунанда беҳтар аст, ки рангаш сафед ва ё ҳадди ақал моил ба сафедӣ дошта бошад.

– Умракунанда баъд аз он ки тартиботи бастани эҳромро ба ҷо овард, фавран ният ва қасди умра бикунад ва бигӯяд: *"Лаббайка умратан."*

– Ҳангоме ки ният кард, дарҳол ба гуфтани талбия шурӯъ намояд ва суннат аст, ки нияти эҳром бо талбия пайваст бошад.

- Талбия дар ин ҷо изҳори вуруд ба ибодати умра аст ва ба дил гузаронидани талбия кифоя нест, балки бояд ӯ онро ба забон талаффуз намояд, ба андозае, ки ҳадди ақал худаш онро бишнавад, вале баланд гуфтани он суннат аст.

- Талбия тибқи суннат дорои се ҷумлаест, ки бояд ҳар ҷумлаи он бо лаббайка шурӯъ шавад, яъне бо чунин тариқ:

***Лаббайкал лоҳумма лаббайк.***

***Лаббайка ло шарика лак.***

***Лаббайка, иннал ҳамда ван ниъмата лака вал мулк, ло шарика лак.***

Вақте Ҷобир разияллоҳу анҳу талбияро аз Паёмбар алайҳиссалом ривоят мекунад, чунин мегӯяд: *"Паёмбар алайҳиссалом бо тавҳид ҳаҷ ва умраашонро шурӯъ*

[5] Рукни ямонӣ - яке аз чаҳор тарафи Каъба мебошад, ки дар самти рости Ҳаҷарул-асвад қарор дорад.

*карданд, яъне Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ин се ҷумларо тавҳид низ номгузорӣ кардаанд.”*

- Суннат аст, ки эҳром аз миқот баста шавад, агар роҳҳо каме тағйир хӯрда ва аз паҳлӯи миқот ва ё дуртар аз он гузаранд, аз рӯ ба рӯи он низ эҳром бастан ҷоиз аст. Агар умракунанда пеш аз миқот эҳром бандад низ дуруст аст ва муҳим он аст, ки ӯ аз миқот нагузашта бошад.

- Эҳром бастан ба тариқи суннат ба ин сурат аст:

а) Умракунанда аввал ғусл ва ё таҳорат намояд, локин ғусл намудани ӯ афзалтар аст.

б) Ду либоси нав ё шусташудаи нодӯхтаро ба тан бикунад, якеро ба ҷои эзор истифода намуда, бо дигаре худро бипечонад.

в) Дар сурати имкон худро хушбӯӣ бизанад.

г) Баъди адои ягон намоз бошад, зеро Паёмбар алайҳиссалом нияти умраро пас аз адои намоз мекарданд.

- Ният ва талбияро ҳангоми дар маркаб ва ё савора нишастан ва дар ҳоли рӯ ба тарафи Макка кардан анҷом дода мешавад.

- Ҳар гоҳ шахси умракунанда талбия бигӯяд, пас ӯ муҳрим шудааст ва бояд аз чизҳое, ки дар эҳром мамнӯъ аст, ҳазар ва дурӣ намояд.

**Маърифати 8-ум. Фазилат ва савоби умра**

Фазилат ва савоби анҷоми умра инҳо мебошанд:

1. Ҳаҷ ва умра бандаро аз гуноҳон пок мекунанд, гӯё ки банда нав аз модараш таваллуд шуда бошад. Паёмбар алайҳиссалом мефармояд: ***"Ҳар касе, ки ҳаҷ ва ё умра анҷом диҳад ва бадзабонӣ накунаду гуноҳ наварзад, монанди касе мегардад, ки модараш ӯро нав таваллуд кардааст."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1521)

2. Фосилаи анҷоми умра то анҷоми умраи баъдӣ, поккунандаи гуноҳон мебошад. Паёмбар дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод фармудааст: ***"Анҷоми умра то анҷоми умраи баъдӣ, каффораи гуноҳонест, ки байни он ду содир мешаванд. Ҳаҷҷе, ки дуруст анҷом дода шавад, ҷуз биҳишт дигар подоше надорад."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1773)

3. Бардавом ва такроран анҷом додани ҳаҷ ва умра фақру гуноҳро аз банда дур мекунад. Паёмбар дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод фармудааст: ***"Ҳаҷ ва умраро***

***бардавом ва такроран анҷом диҳед, зеро онҳо аз шумо фақру гуноҳро дур мекунанд."*** (Тирмизӣ, 810 / Ҳадиси саҳеҳ аст.)

4. Анҷом додани умра дар Рамазон савобаш баробари анҷом додани ҳаҷҷи фарзӣ мебошад. Паёмбар дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод фармудааст: ***"Анҷом додани умра дар Рамазон баробари анҷом додани ҳаҷ мебошад."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1863)

5. Савоби анҷоми умра дар Рамазон, монанди анҷоми умра бо Паёмбар алайҳиссалом мебошад. Паёмбар дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод фармудааст: ***"Анҷом додани умра дар Рамазон баробари ҳаҷ намудан бо ман мебошад."*** (Саҳеҳи Муслим, 1256)

6. Ҳоҷиён ва умракунандагон меҳмонони илоҳӣ мебошанд. Паёмбар дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод фармудааст:

**الحُجّاجُ و العُمّارُ وفْدُ اللهِ، دعاهُمْ فَأَجابُوهُ، سَأَلوهُ فَأعطاهُمْ**

***"Ҳоҷиён ва умракунандагон меҳмонони илоҳӣ мебошанд, ки Аллоҳ таъоло онҳоро даъват кардааст ва онҳо ҳаҷ ва умраро иҷобат кардаанд. Ҳоҷиён бошанд аз Аллоҳ ҳаҷро хостаанд ва Аллоҳ таъоло ба онҳо онро ато кардааст."*** (Силсилаи Саҳеҳа, 1820)

7. Дуъои ҳоҷиён ва умракунандагон мавриди қабули даргоҳи илоҳӣ мебошад. Фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ин замина: ***"Чизеро, ки ҳоҷиён аз Аллоҳ бихоҳанд ва талаб намоянд, Аллоҳ таъоло онро ба онҳо ато менамояд."*** (Силсилаи Саҳеҳа, 1820)

**Маърифати 9-ум: Хатогиҳои умра ва ҷазои онҳо**

Чигунае ки қаблан зикр карда шуд, дар ҷараёни эҳроми умра баъзе амалҳо манъ карда шудаанд ва аз ҷумла манъкардаҳои эҳроми умра инҳо мебошанд: Анҷоми фиск ва амалҳо ва гуфторҳои беҳуда, ҷангу ҷидол кардан, пӯшидани либосҳои дӯхташуда, тарошидан ва кӯтоҳ кардани мӯйҳои сар, истифода кардани хӯшбӯӣ, напӯшондани сару рӯи худ, гирифтани нохунҳо, шикор кардан, раҳнамоӣ ва ишора кардан ба сӯи сайд ва ғайра.

1. Ҷиноят ё хатогӣ дар эҳром ин даст задан ба амалҳоест, ки иҷрои онҳо дар эҳром манъ мебошанд.

2. Ҷиноят дар анҷоми умра ин тарки амалҳои воҷиб, барҳам задани тартиб ва таъхири фарз ва ё воҷиб аз вақти он мебошад.

Шариъат ҳамчунин барои касоне ки яке аз мамнӯъоти эҳромро анҷом медиҳанд ва ё яке аз воҷиботро тарк мекунанд, фидя гузоштааст, яъне фидя дар он ҳолатҳое амалӣ карда мешавад, ки муҳрим яке аз мамнӯъоти эҳромро анҷом медиҳад ва ё яке аз воҷиботи эҳромро тарк мекунад. Бар асоси ин фармудаи Аллоҳ таъоло, анҷоми амали зикршуда "фидя" номгузорӣ карда шудааст.

**فَفِدْيَةٌ مِنْ صِيَامٍ أَوْ صَدَقَةٍ أَوْ نُسُكٍ**

**"Фидя бидиҳад ва фидяаш се рӯз рӯза гирифтан ё ғизо додан ба шаш мискин ва ё забҳи ҳайвонест, ки барои қурбонӣ ҷоиз аст ва ӯ аз миёни ин чизҳо якеро интихоб менамояд, аммо забҳ намудан барояш беҳтар аст."** (Бақара, 196) Ин оят фидяро ҳамчун ҷазо маънидод кардааст, яъне ҷазои касоне ки мамнӯъоти эҳромро анҷом медиҳанд ё касоне ки воҷибе аз воҷибҳои эҳромро тарк мекунанд.

Манъшудаҳои эҳром агар анҷом дода шаванд, пас чаҳор намуди ҷазо доранд:

1. Он амалҳое, ки агар иҷро карда шаванд, эҳромкунандаро азият мерасонанд, ки ин амалҳо дар навбати худ ба 5-намуд ҷудо карда мешаванд.

а) Пӯшидани либоси дӯхташуда барои мардон. Ба таври мисол агар касе дар вақти эҳром будан, либоси нодӯхтае, ки бояд дар тан дошта бошад, бипӯшад, аммо ин либос сабаби азияти ӯ гардад, яъне бо сабаби беморӣ ё узре натавонад дигар либоси эҳромро бар тан бикунад, пас дар ин ҳолат метавонад либоси мувофиқтареро, ки ӯро озор намерасонад, бипӯшад, аммо ӯ бояд фидяи худро бипардозад.

б) Пӯшидани сар барои мардон.

в) Истеъмоли хушбӯӣ дар ҷисм, либоси эҳром ва ҷои хоб.

г) Тарошидани мӯйи сар ё гирифтани мӯй аз ҳар узви бадан.

д) Гирифтани нохунҳо.

Амалҳои зикршуда ва ё яке аз онҳо агар сабаб бишаванд, ки эҳромкунанда озор ва азият бубинад, пас метавонад амалҳои мувофиқтареро анҷом дода, фидяи худро бипардозад. Фидя ё ҷазои ин амалҳо бо анҷом додани яке аз ин 3-амал сурат мегирад:

а) Забҳ кардани гӯсфанд ва тақсим он ба камбизоатони аҳли Макка

б) Додани таъом барои 6-мискин

в) Гирифтани рӯза ба муддати 3-рӯз.

Далели ин гуфтаҳо фармудаи Аллоҳ таъолост:

**فَمَن كَانَ مِنكُم مَّرِيضًا أَوۡ بِهِۦٓ أَذٗى مِّن رَّأۡسِهِۦ فَفِدۡيَةٞ مِّن صِيَامٍ أَوۡ صَدَقَةٍ أَوۡ نُسُكٖۚ**

**"Ё агар сараш захм ё шабуш дошта бошад, пас барои ӯ ҷоиз аст, ки сари худро битарошад, аммо барои ӯ лозим аст, ки фидя бидиҳад ва фидяаш се рӯз рӯза гирифтан ё ғизо додан ба 6-мискин ва ё забҳи ҳайвонест, ки барои қурбонӣ ҷоиз аст ва ӯ аз миёни ин чизҳо якеро интихоб менамояд, аммо забҳ кардан барояш беҳтар аст."** (Бақара, 196)

2. Он амалҳое, ки агар иҷро карда шаванд ва ҷазояшон ба монанди худашон мебошад. Аллоҳ таъоло дар ин замина чунин мефармояд:

**يا أَيُّهَا الَّذينَ آمَنوا لا تَقتُلُوا الصَّيدَ وَأَنتُم حُرُمٌ وَمَن قَتَلَهُ مِنكُم مُتَعَمِّدًا فَجَزاءٌ مِثلُ ما قَتَلَ مِنَ النَّعَمِ يَحكُمُ بِهِ ذَوا عَدلٍ مِنكُم هَديًا بالِغَ الكَعبَةِ أَو كَفّارَةٌ طَعامُ مَساكينَ أَو عَدلُ ذٰلِكَ صِيامًا لِيَذوقَ وَبالَ أَمرِهِ عَفَا اللَّهُ عَمّا سَلَفَ وَمَن عادَ فَيَنتَقِمُ اللَّهُ مِنهُ وَاللَّهُ عَزيزٌ ذُو انتِقامٍ**

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ҳар гоҳ, ки дар эҳром бошед, хоҳ дар ҳаҷ ё дар умра ё дар ҳарам, сайдро макушед. Ҳар ки ҳар намуди сайдро қасдан бикушад, пас ҷазои ӯ қурбонӣ кардани ҳайвонест монанди ончи ки ӯ кӯштааст, хоҳ аз шутур ё аз гов ё аз гӯсфанд бошад. Ӯ бояд қурбониашро ба Каъба расонад, ба шарти он ки ду шахси одил аз шумо гувоҳӣ он бошанд ё ба кафорат тангдастонро аз фақирони ҳарам таъом диҳад ё баробари он рӯза бигирад. Парвардигор бар ӯ ин ҷазоро фарз гардонид, то уқубати кори худро бичашад. Аз ончи дар гузашта кардаед, Аллоҳ афв кардааст, вале ҳар ки ба он қасдан бозгардад, Аллоҳ аз ӯ интиқом мегирад, ки Аллоҳ пирӯзманду интиқомгиранда аст!"** (Моида, 95) Ин фармудаи Аллоҳ таъоло ёдовар мешавад, ки барои касе ки дар ҳоли эҳром бошад ва шикор бикунад, ба сӯи шикор раҳнамоӣ ва ё ишора бикунад, пас ҷазо барояш муайян карда шудааст. Касе агар дар ҳоли эҳром будан муртакиби ин амалҳо шуд, бояд ҳаммонанди он ҳайвонеро фидя бидиҳад, ки онро шикор кардааст ва дар сурати набудани ҳаммонанди он ҳайвон, қимати он ҳайвонро пардохт мекунад.

3. Он амале, ки дар он барои эҳромкунанда ҷазо муқаррар нашуда, аммо анҷоми он манъ шудааст, ки он ақди никоҳ мебошад. Паёмбар алайҳиссалом мефармояд:

**لا يَنْكِحُ المُحْرِمُ، ولا يُنْكِحُ، ولا يَخْطُبُ**

***"Шахси эҳромкунанда никоҳ намекунад, никоҳ карда намешавад ва ақди никоҳ низ намебандад."*** (Саҳеҳи Муслим, 1409) Дар ҳадис Паёмбар алайҳиссалом танҳо аз никоҳ ва ақди он манъ карданд, вале барои анҷомдиҳандаи он ягон ҷазое муайян накардаанд. Ҳамчунин ин ҳадис далолаткунандаи он аст, ки шахси эҳромкунанда дар ҷараёни эҳром иҷоза надорад дар масъалаҳои никоҳ суҳбат ва машваратҳо бикунад.

4. Он амалҳое, ки бо иҷро кардани онҳо барои эҳромкунанда ҷазои вазнин таъйин карда шудааст, ки он ҳамхобагӣ кардани эҳромкунанда бо ҳамсараш мебошад. Фармудаи Аллоҳ таъоло дар ин замина:

فَمَن فَرَضَ فِيهِنَّ ٱلۡحَجَّ فَلَا رَفَثَ وَلَا فُسُوقَ وَلَا جِدَالَ فِي ٱلۡحَجِّۗ

**"Ҳар киро дар он моҳҳо ҳаҷ воҷиб гардид, пас ин фаризаро адо кунад ва бояд ӯ дар вақти ҳаҷ ҷимоъ накунад, фисқе аз ӯ сар назанад ва душманӣ накунад. Берун омадани ӯ аз тоъати Аллоҳ ҳаром аст ва бо ғазаб муноқиша карданаш бо касе ба кароҳият меанҷомад."** (Бақара, 197) Ин фармудаҳои Аллоҳ таъоло далолат бар он мекунанд, ки ҳамхобагӣ дар эҳром ҳаром аст ва фосидкунандаи умра мебошад. Уламои Ислом иттифоқи донишмандонро зикр кардаанд, ки агар ҷимоъ пеш аз тавофи умра сурат бигирад, пас умраи шахс фосид мешавад ва ҳамчунин агар ҷимоъ баъди тавофи умра ва пеш аз саъй миёни Сафо ва Марва сурат бигирад, дар ин ҳолат низ ба назари аксари уламо умра фосид мешавад, ки далели инро олимон аз қиёс гирифтаанд, яъне ин масъаларо бар аҳкоми ҳаҷ баробар донистаанд. Дар ин ду ҳолати зикршуда шахс умраашро комил мекунад, локин бар ӯ забҳ кардани як гӯсфанд воҷиб мегардад, аммо агар ӯ ҳамхобагиро баъди саъйи байни Сафову Марва ва пеш аз тарошидан ё кӯтоҳ кардани мӯйи сар анҷом дода бошад, пас умрааш фосид намешавад, локин бар ӯ забҳ кардани гӯсфанд воҷиб мешавад, ки ин назари аксари уламои Ислом мебошад.

Касе, ки ба ҳаҷ ё умра эҳром баста бошад, барояш ҳамбистарӣ кардан ҷоиз нест, то ин ки ҳалол гардад (яъне пурра амалҳои ҳаҷ ё умраро ба поён бирасонад). Агар дар умра пеш аз фориғ шудан аз саъй ҳамбистарӣ кунад, умрааш фосид мешавад ва бар замми ин бар ӯ лозим аст, ки умраро идома бидиҳад ва сипас аз маконе, ки бори аввал эҳром баста буд, аз ҳамонҷо эҳром баста, қазои онро анҷом

бидиҳад. Илова бар он, аз ҳар яки онҳо бояд як гӯсфанд забҳ карда шавад ва гӯшти он ба камбағалони Макка тақсим карда мешавад, аммо ҳамбистарӣ баъд аз саъй ва пеш аз тарошидан ё кӯтоҳ кардани мӯй рӯх диҳад, умра бар асари он фосид намешавад, вале бар анҷомдиҳандаи ин амал фидя бо интихоб зарур аст. Дар ин ҳолат, яъне ҳарчанде ки умра фосид шуда бошад ҳам, рафтани ӯ ба Танъим[6] фоидае надорад, зеро ӯ барои анҷоми умра эҳром пӯшидааст ва пеш аз фориғ шудан аз эҳроми аввал, эҳроми дигар бастан низ дуруст нест. Аз ин хотир, он амалҳои умрае, ки ӯ анҷом додааст, онҳо амалҳои умраи фосидшуда мебошанд ва бар ӯ қазои он амалҳоро дубора анҷом додан зарур аст. Ӯ дар миқоте, ки дар онҷо бори аввал эҳром баста буд, дар онҷо эҳром мебандад ва илова бар он, аз ӯ ва аз ҳамсари ӯ, яъне аз ҳар яке як гӯсфанде забҳ карда мешавад ва гушти он ба камбағалони Макка тақсим карда мешавад. Ҳамчунин ба ҷои забҳ ва тақсим кардани гӯсфанд, тақсим кардани ҳафтяк қисми шутур ё ҳафтяки гов низ кофӣ мебошад.

Ҷои зикр аст, масъалаи дар боло матраҳ шуда, масъалаи ихтилофӣ буда, баъзе аз аҳли илм ҳатто бар ин назаранд, ки ҷимоъ агар пеш аз саъй ё баъд аз он анҷом шуда бошад, бар анҷомдиҳандаи он фидяи ихтиёрӣ воҷиб мегардад, мисли хун (забҳ) ё се рӯз рӯза гирифтан ва ё таом додани 6-мискин, ки инро китоби "Шарҳу мунтаҳал-иродот" (1/556) низ зикр кардааст.

Хулоса бар касоне, ки муртакиби ин амалҳо шудаанд, се чиз лозим аст:

1. Тавба ба сӯи Аллоҳ таъоло барои анҷом додани амали мамнӯъ (гуноҳ) ва фосид кардани маносике, ки Аллоҳ барои ба итмом расонидани он амр кардааст.

2. Қазои умраи фосидшуда ва инчунин эҳром бастан аз миқоти умраи фосидшуда (умраи аввал).

3. Фидя додан бо интихоб, яъне ҳар нафаре, ки муртакиби ин амал шудааст бояд яке аз ин се амрро иҷро намояд: Забҳи гӯсфанд, 3-рӯз рӯза гирифтан ва ё ба 6-мискин ва камбағали Макка таом додан, ки агар забҳи гӯсфанд карда шавад, барояшон беҳтар ва афзалтар аст.

---

[6] Наздиктарин маконе, ки шахс аз ҳудуди ҳарами Макка хориҷ мешавад, ки имрӯз масҷиди модарамон Оиша разияллоҳу анҳо дар онҷо қарор дорад.

**Маърифати 10-ум: Миқот – макони бастани эҳром**

Миқот ин ҷои муайянни эҳромбандии ҳоҷиён мебошад ва барои касоне, ки аз хориҷи миқот меоянд, пас барои онҳо миқотҳои эҳроми умра ҳамон миқотҳои ҳаҷ ба ҳисоб меравaнд. Касоне, ки дар минтақаи Ҳил зиндагӣ мекунанд, аз ҳамон минтақаи Ҳил эҳром мебанданд ва касоне, ки дар Ҳарам сукунат доранд, бояд ба минтақаи Ҳил рафта ва аз онҷо эҳром бубанданд. (Ҳил минтақаи миёни миқот ва Ҳарамро гӯянд). Миқотҳое, ки Расулуллоҳ дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод таъйин намудаанд, чаҳорто мебошанд:

**وَقَّتَ رَسولُ اللَّهِ صَلَّى اللهُ عليه وسلَّمَ لأهْلِ المَدِينَةِ ذا الحُلَيْفَةِ، ولِأَهْلِ الشَّأْمِ الجُحْفَةَ، ولِأَهْلِ نَجْدٍ قَرْنَ المَنازِلِ، ولِأَهْلِ اليَمَنِ يَلَمْلَمَ، فَهُنَّ لهنَّ، ولِمَن أتَى عليهنَّ مِن غيرِ أهْلِهِنَّ لِمَن كانَ يُرِيدُ الحَجَّ والعُمْرَةَ، فمَن كانَ دُونَهُنَّ، فَمُهَلُّهُ مِن أهْلِهِ، وكَذاكَ حتَّى أهْلُ مَكَّةَ يُهِلُّونَ مِنْها.**

1. ***Зулҳулайфа*** - миқоти аҳли Мадина

2. ***Ҷуҳфа*** - миқоти аҳли Шом

3. ***Қарнулманозил*** - миқоти аҳли Наҷд

4. ***Яламлам*** - миқоти аҳли Яман

Ин нуқтаҳо барои мардуми минтақаҳои мазкур ва касоне ки аз онҷо убур мекунанд[7], миқот мебошанд. Аммо касоне, ки дар миқот сукунат доранд, онҳо аз ҳамон ҷо эҳром мебанданд ва касоне, ки дар миёни миқот ва Ҳарам сокинанд, миқоти онҳо минтақаи Ҳил (миёни миқот ва Ҳарам) мебошад. Касоне, ки дар Ҳарам зиндагӣ мекунанд миқоташон дар ҳангоми ҳаҷ ва умра Ҳарам аст. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1524)

5. ***Зоти-Ирқ***, миқоти аҳли Ироқ аст, ки ин маконро ҳазрати Умар разияллоҳу анҳу муайян кардааст. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1531) Ҳамчунин ин миқот бо иттифоқи донишмандон низ таъйид шудааст.

Суннат он аст, ки шахси эҳромкунанда бояд эҳромро аз ин маконҳои муайяншуда бипӯшад, локин баъзе донишмандон бар ин назаранд, ки пеш аз миқот пӯшидани эҳром ҷоиз аст, аммо агар эҳромкунанда аз миқот нияти умра бикунад,

[7] Ин миқотҳо барои касоне таъйин ва нишондиҳӣ шудаанд, ки хориҷ аз онҳо буда ва бихоҳанд аз онҷо убур намоянд

дар сурате, ки эҳромро бар тан накардааст, пас ба ӯ забҳи як гӯсфанд лозим мегардад. Ба ин миқотҳо, миқотҳои маконӣ гуфта мешавад.

Дар мавриди адои умра рӯз ва моҳи муайяне вуҷуд надорад ва ҳар касе ки бихоҳад, метавонад умраро дар ҳама рӯзҳои сол анҷом диҳад. Умра дар моҳи Рамазон нисбат ба дигар замонҳо савоб ва фазилати бештаре дорад, то дараҷае ки тибқи ин ҳадис Паёмбар алайҳиссалом савоби умраро бо савоби ҳаҷҷи фарзӣ баробар медонанд. ***"Анҷом додани умра дар Рамазон баробари анҷом додани ҳаҷ мебошад."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1863) Гузашта аз ин, савоби анҷоми умра дар Рамазон, монанди анҷоми умра бо Паёмбар алайҳиссалом мебошад. ***"Анҷом додани умра дар Рамазон баробари ҳаҷ намудан бо ман мебошад."*** (Саҳеҳи Муслим, 1256)

**Маърифати 11-ум: Мамнӯъоти эҳром**

Мамнуъоти эҳром корҳое мебошанд, ки инсон бо сабаби эҳром аз онҳо манъ шуда ва иҷозати анҷоми онҳоро надорад, ки дар зер баён карда мешаванд.

1. Ҷимоъ ва ҳамбистарӣ кардан.

2. Муоширати шаҳватомез байни марду зан, зеро ин амал дар умум ба ин сухани Аллоҳ далолат мекунад, ки Ӯ таъоло дар сураи Бақара ояти 197 онро манъ кардааст:

فَلَا رَفَثَ

**"Ҷимоъ накунед."**

3. Лаҳв ва сухани беҳуда гуфтан.

4. Фосиқӣ кардан.

5. Ҷангу ҷидол кардан.

Далели ин панҷ манъкардаҳо фармудаи Аллоҳ таъолост:

فَمَن فَرَضَ فِيهِنَّ ٱلۡحَجَّ فَلَا رَفَثَ وَلَا فُسُوقَ وَلَا جِدَالَ فِي ٱلۡحَجِّۗ

**"Ҳар киро дар он моҳҳо ҳаҷ воҷиб гардид, пас ин фаризаро адо кунад ва бояд ӯ дар вақти ҳаҷ ҷимоъ накунад, фисқе аз ӯ сар назанад ва душманӣ накунад. Берун омадани ӯ аз тоъати Аллоҳ ҳаром аст ва бо ғазаб мунокиша карданаш бо касе ба кароҳият меанҷомад."** (Бақара, 197)

6. Шикори ҳайвоноти саҳроӣ кардан, бар сайд ва куштану хӯрдани он кӯмак кардан ё касеро ба сӯи сайд раҳнамоӣ кардан. Аллоҳ таъоло мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَقۡتُلُواْ ٱلصَّيۡدَ وَأَنتُمۡ حُرُمٞۚ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ҳар гоҳ ки дар эҳром бошед, хоҳ дар ҳаҷ, умра ё дар ҳарам сайдро макушед."** (Моида, 95)

7. Пероҳан, эзор ва тоқӣ пӯшидан ва ҳамчунон пӯшидани ҳар чизе, ки мутобиқи аъзои бадан сохта, дӯхта ва ё бофта шуда бошад.

8. Сару рӯи худро пӯшондан, мисли пӯшидани кулоҳ, салла ва амсоли инҳо.

9. Пӯшидани дасткаш ва мӯза ва агар мӯза ҳам бипӯшад, бояд онро то зери буҷулаки пояш поён намояд ва баъдан бипӯшад.

***Огоҳӣ:*** Манъшудаҳои ҳафтум ва ҳаштум махсуси мардон мебошанд, зеро вақте аз Паёмбар алайҳиссалом пурсида шуд, ки барои муҳрим кадом либос пӯшиданаш ҳаром аст, он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам ингуна посух доданд: ***"Шахси муҳрим пироҳан, либоси кулоҳдор, шалвор (матоъи порчашуда ва дӯхташуда, ки ба истилоҳи "шим" дар байни мо машҳур аст), салла ва мӯза намепӯшад, аммо агар касе эзор (матоъи нодӯхта) наёбад, пас шалвор бипӯшад ва агар наълайн (пойафзоли тобистона ё кафши бепошна ё ба истилоҳе "басаношка") наёбад, пас мӯза (маҳсӣ) бипӯшад, локин музаашро бояд то зери буҷилак поён бикунад ё бибурад."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1542) Донишмандон нисбат ба панҷ мавриди дар ҳадиси боло зикршуда, бар он назаранд, ки инҷо манзур либосҳои дӯхташуда мебошанд, дар сурате ки бархе аз мардуми оддӣ гумон кардаанд, ки набояд шахси дар эҳромбуда ҳеҷ навъ аз матоъҳои дӯхташударо дар ҷараёни эҳром бар тан дошта бошад, ки ин гумон албатта иштибоҳ аст. Яъне он либосҳо ва матоъҳое, ки барои бадани инсон дӯхта шуда бошанд, мисли шалвор, пироҳан ва амсоли инҳо пӯшидани онҳо дар эҳром иҷоза нест, аммо матоъҳое, ки дӯхта шуда бошанд, аммо дар асл барои пӯшондани бадани инсон нестанд, мисли порчаҳо барои пок кардани дасту рӯй ё порчаҳое, ки атрофи онҳо дӯхта шудааст, пӯшидани инҳо дар эҳром мушкилие надорад.

Ҳамчунин ҳатто тавоф кардан бо либосҳои бурридашуда ва нодӯхтае, ки дар асл барои бадани инсонанд, дуруст ва саҳеҳ намебошад, мисли шалвори нодӯхта, пироҳани нодӯхта ва амсоли инҳо.

10. Хӯшбӯӣ истеъмол намудан. Далели ин масъала ҳадиси Паёмбар алайҳиссалом аст, ки дар бораи марде фармудаанд, ки дар ҳоли эҳром тавассути шутураш кушта

шуд. ***"Ӯро бо об ва сидр (собуни хос барои шӯстани майит) бишӯед, дар эҳроми худаш кафанаш бикунед ва сарашро напӯшонед ва ба ӯ ҳанут назанед. (Ҳанут - атрест, ки барои хӯшбӯӣ кардани майит истифода мешавад.)"*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1850)

11. Либосеро, ки бо заъфарон ва асфар (номи гиёҳи хӯшбуй) ранг шуда бошад, магар ин ки ӯро шуста бошад ва бӯяш зоҳир нашавад.

12. Нохун гирифтан.

13. Мӯйи сар тарошидан, ришро паст ва ё гирифтан, мӯйи баданро ба ҳар ҳолате, ки бошад дур кардан. Далели инҳо сухани Аллоҳ таъолост, ки мефармояд:

**وَلَا تَحۡلِقُواْ رُءُوسَكُمۡ حَتَّىٰ يَبۡلُغَ ٱلۡهَدۡيُ مَحِلَّهُۥۚ**

**"То қурбонии шумо ба қурбонгоҳаш нарасад, сарҳои худро натарошед."** (Бақара, 196) Уламо бо истинбот ва натиҷагирӣ аз ояти зикршуда, ба ғайр аз тарошидани муйи сар, ҳамчунин ба тарошидани дигар муйҳои бадан ва кӯтоҳ кардани нохун низ дар ҳангоми эҳром иҷоза намедиҳанд.[8] Инҳо манъшудаҳои умумӣ мебошанд, ки барои занон ва мардон яксонанд, танҳо бо ин тафовут, ки занҳо либоси дӯхташуда монанди либоси қабл аз эҳромро мепӯшанд ва ҳамчунон сарашонро пӯшонида ва рӯяшонро намепӯшонанд.

### Маърифати 12-ум: Шартҳо ва воҷиботи тавоф

Олимон баъди баррасӣ ва таҳқиқ дар Қуръону суннат, ба ин натиҷа расидаанд, ки барои дуруст ва саҳеҳ анҷом додани тавоф ба даври Каъба 13-шарт лозим ва зарурист, ки дар зер баён карда мешаванд:

1. ***Мусалмон будан.*** Ба иттифоқи донишмандон тавофи шахси ғайри мусалмон пазирӯфта намешавад, зеро тавоф як ибодат буда ва ибодат аз ғайри мусалмон пазирӯфта нашуда ва саҳеҳ намебошад.

2. ***Дорои ақли солим будан.*** Шахс бояд дорои ақли солим бошад, дар ғайри ин сурат ӯ тавони ниятро муайян кардан надорад.

3. ***Нияти мушаххас ва муайян доштан.*** Уламои Ислом иттифоқи назар доранд, ки шахси тавофкунанда бояд дорои нияти мушаххас ва муайян бошад, зеро Паёмбар

[8] Ҷойи зикр аст, ки ин манъшудаҳо ҳам дар эҳроми ҳаҷ ва дар эҳроми умра яке мебошанд.

алайҳиссалом дар ин замина фармудаанд: ***"Дар ҳақиқат, корҳо ба ният вобастагӣ доранд ва ҳар касе ончиро, ки ният кардааст, онро дармеёбад."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1)

4. ***Пӯшидани аврат дар ҳадди тавон.*** Агар шахс урён тавоф бикунад, пас тавофаш саҳеҳ нест, зеро Паёмбар алайҳиссалом дастур додаанд, ки дар ҳаҷ нидо дода шавад: ***"Баъд аз ин сол (яъне пас аз соли нуҳуми ҳиҷрӣ) ҳеҷ мушрике ҳаҷ накунад ва ҳеҷ кас дар ҳолати урён тавофи Каъбаро анҷом надиҳад."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 369)

5. ***Аз ҷанобат пок будан ва таҳорат доштан***. Зеро баъди тавоф ду ракат намоз хонда мешавад, ки албатта кӯдакон аз ин амр истисно мебошанд.

6. ***Пок будани либос ва бадан аз наҷосат.*** Аксари уламо бар ин ақидаанд, ки аҷри шахсе, ки дар ҷараёни тавоф кардан мебошад, монанди шахсест, ки дар намоз қарор дорад.

7. ***Комил ва дақиқан 7-маротиба дар атрофи Каъба тавоф кардан.*** Тавофкунанда агар ҳатто як давр аз ҳафт даврро дар тавоф анҷом надиҳад, пас тавофаш комил нест, зеро Паёмбар алайҳиссалом дар атрофи Каъба ҳафт давр задаанд ва ба ин тартиб низ ба мо амр кардаанд. (Саҳеҳи Муслим, 1297) Агар касе дар тавофи Каъба иштибоҳ кард, бояд онро ислоҳ карда ва тавофашро комил бигардонад, ба таври мисол агар касе шак бар ин кард, ки шояд 7- маротиба тавоф накардаву, балки 6-маротиба тавоф кардааст, пас ӯ бояд тавофашро комил кунад, яъне 1-маротибаи дигар бояд тавоф бикунад.

8. ***Қарор додани Каъба дар самти чапи худ.*** Паёмбар алайҳиссалом дар ҳоле тавоф мекарданд, ки Каъба дар самти чапи он ҳазрат алайҳиссалом қарор дошт ва ҳамчунин дар ин масъала фармудаанд: ***"Эй мардум, ҳаҷ ва умраатонро ҳамон гунае, ки ман анҷом додаам, анҷом бидиҳед."*** (Саҳеҳи Муслим, 1297 / Ҳадис аз Ҷобир разияллоҳу анҳу ривоят шудааст.)

9. ***Роҳ рафтан***. Албатта роҳ рафтан барои касе, ки тавоноии онро дорад, аммо шахси маъзур ва маъюб метавонад худ аз аробачаи маъюбӣ истифода бубарад ва ё касе ӯро барои тавоф кардан бо аробачаи маъюбӣ бигардонад.

10. ***Пай дар пай анҷом додани даврҳои тавоф***. Яъне байни ҳар даври тавоф набояд фосилаи зиёд бе узри шаръӣ биафтад, зеро Паёмбар алайҳиссалом ҳафт даврро пай

дар пай анҷом додаанд ва ба ин тартиб асҳоби худро низ амр кардаанд. (Саҳеҳи Муслим, 1297)

11. ***Анҷоми додани тавоф дохили Масҷидул-ҳаром.*** Тавоф бояд дохили Масҷидулҳаром сурат бигирад, зеро дар атрофи Каъба тавоф кардан воҷиб мебошад, аммо агар касе хориҷ аз Масҷидулҳаром тавоф бикунад, дар ҳақиқат ӯ Масҷидулҳаромро тавоф кардааст, ки ин кор хилофи дастуроти Паёмбар алайҳиссалом мебошад.

12. ***Оғоз кардани тавоф аз назди Ҳаҷарул-асвад.*** Тавоф бояд аз назди Ҳаҷарул-асвад шурӯъ гардад ва агар касе тавофро аз канори дари Каъба оғоз бикунад, пас ин тавоф ноқис ва саҳеҳ нест, зеро Паёмбар алайҳиссалом гуфтаанд: ***"Ҳар нафаре, ки ибодатеро анҷом диҳад, аммо амри мо бар он тартиб набошад, пас он ибодат қабул нест, балки мардуд (рад кардашуда) аст."*** (Саҳеҳи Муслим, 1718)

13. ***Каъбаро куллан тавоф намудан.*** Тавофкунанда Каъбаро бояд куллан тавоф бикунад, яъне ҳамаи атрофи Каъбаро бояд тавоф бикунад ва агар барои кӯтоҳ кардани масофат аз дохили ***"ҳиҷр[9]"*** тавоф кунад, пас тавофаш саҳеҳ нест.

Ин шартҳои зикршуда, шартҳои тавофи Каъбатуллоҳ мебошанд ва бидуни иҷрои инҳо тавофи шахс саҳеҳ намебошад.

**Маърифати 13-ум: Суннатҳои тавоф**

Паёмбар алайҳиссалом мефармоянд:

يا أَيُّها الناسُ خُذُوا عَنِّي مناسكَكم

***"Эй мардум, ҳаҷ ва умраатонро ҳамон гунае, ки ман анҷом додаам, анҷом бидиҳед."*** (Саҳеҳи Муслим, 1297)

Суннатҳои тавоф инҳо мебошанд:

1. Ридои (болопӯши) худро аз зери бағали рост бар шонаи чап андохтан, ба гунае, ки китфи рости тавофкунанда бараҳна бимонад. Далели ин суннат ривояти Яъло ибни Уммайята разияллоҳу анҳу мебошад, ки нақл мекунад, ки Паёмбар алайҳиссалом

[9] Манзур аз "ҳиҷр" ҳамон нимдоираест, ки дар канори Каъба қарор гирифтааст, ки ин қисмат дар воқеъ бахше аз Каъба ба шумор меравад.

тавоф карданд дар ҳоле ки ***"музтабиъ[10]"*** буданд. (Сунани Абудовуд, 1883 / Ҳадиси саҳеҳ аст.)

2. Ламс кардани Ҳаҷарул-асвад ва бӯсидани он. Далели ин суннат ривояти ҳазрати Умар разияллоҳу анҳуст, ки хитоб ба Ҳаҷарул-асвад карда чунин мегӯяд: *"Қасам ба Аллоҳ, ман яқинан медонам, ки ту танҳо як санге ҳастӣ, ки на зараре расонда метавонӣ ва на фоидае, локин Паёмбар алайҳиссаломро дидаам, ки туро ламс кард ва туро бӯсид. Аз ин сабаб ман ҳам ҳамчун пайрави Паёмбар алайҳиссалом ин амалро анҷом медиҳам."* (Саҳеҳи Бухорӣ, 1605 ва 1597)

3. Гуфтани такбир (***Аллоҳу акбар***) дар ҳар тавоф дар рӯбарӯи Ҳаҷарул-асвад. Далели ин суннат ривояти Абдуллоҳ ибни Аббос разияллоҳу анҳуст, ки гуфт*: **"Паёмбар алайҳиссалом ин хонаро тавоф кард дар ҳоле ки бар болои шутуре буд ва ҳар вақте бар Ҳаҷарул-асвад мерасид ба ончизе, ки дар дасташ буд ишора мекард ва "Аллоҳу акбар" мегуфт."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1613)

4. Истилом ва ламси рукни ямонӣ. Далели ин суннат ривояти Абдуллоҳ ибни Умар разияллоҳу анҳуст, ки гуфт: ***"Паёмбар алайҳиссалом аз аркони Каъба (аз чаҳор тарафи Каъба) танҳо тарафи Ҳаҷарул-асвад ва тарафи рукни ямониро масҳ мекарданд."*** (Саҳеҳи Муслим, 1267) Ин ҳадис далолат мекунанд, ки танҳо аз Каъба ду рукни он ламс карда мешаванд, ки яке Ҳаҷарул-асвад мебошад ва дигаре рукни ямонист, ки аз тарафи рости Ҳаҷарул-асвад қарор дорад. Аз ин сабаб дигар ҷойҳо ва ё атрофи хонаи Каъба ламс карда намешаванд, зеро ин амал саҳеҳ набуда ва ҳеҷ асоси шаръӣ дар ин робита вуҷуд надорад.

5. Гуфтани дуъои ***"Раббано отино фид-дунё хасана ва фил-охирати хасана ва қино ъазобан-нор"*** дар байни рукни ямонӣ ва Ҳаҷарул-асвад. Абдуллоҳ ибни Соиб разияллоҳу анҳу гуфт: ***"Шунидам Паёмбар алайҳиссаломро, ки дар байни рукни ямонӣ ва Ҳаҷарул-асвад мегуфт: "Раббано отино фид-дунё хасана ва фил-охирати хасана ва қино ъазобан-нор", яъне Парвардигоро, ҳамаи хубиҳои дунё ва охиратро барои мо насиб бигардон ва моро аз азоби оташ нигаҳ бидор."*** (Сунани Абудовуд, 1892 / Ҳадиси саҳеҳ аст.)

---

[10] Музтабиъ - яъне бараҳна будани китфи рост дар ҷараёни тавоф кардан.

6. Риоя намудани равиши роҳравӣ дар ҷараёни тавоф кардан. Дар се давраи аввал тавофкунанда бояд ба зудӣ, вале бо қадамҳои кӯтоҳ ҳаракат кунад, аммо дар чаҳор давраи дигар, бояд ба сурати оддӣ роҳ биравад. Далели ин равиш дар ривояти Ҷобир разияллоҳу анҳуст, ки мефармояд: ***"Паёмбар алайҳиссалом дар се давраи аввали тавоф ба зудӣ ҳаракат мекарданд, вале бо қадамҳои кӯтоҳ ҳаракат мекарданд ва чаҳор тавофи дигарро бошад ба монанди роҳ рафтани маъмулӣ ба охир мерасонданд."*** (Саҳеҳи Муслим, 1218) Албатта ба зудӣ ҳаракат кардан дар се давраи аввали тавоф танҳо барои мардон суннат мебошад, ки инро дар истилоҳи шаръӣ ***"рамл"*** меноманд, аммо барои занон бошад шариъат дар ҳамаи давраҳои тавоф ба оромӣ роҳ рафтанро амр намудааст.

7. Хондани ду ракат намоз пушти мақоми Иброҳим. Далели ин суннат ривояти Абдуллоҳ ибни Аби Авфо разияллоҳу анҳуст, ки фармуд: ***"Паёмбар дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод умра карданд, бар хона тавоф карданд ва дар қафои мақоми Иброҳим ду ракат намоз хонданд."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1600) Ин ҳадис далолат бар он мекунад, ки беҳтар аст, ки шахси тавофкунанда намози тавофро дар мақоми Иброҳим бихонад, ба он тавре, ки мақоми Иброҳим дар миёни ӯ ва Каъба қарор гирад, аммо агар ин таври зикршуда барояш муяссар нашуд, ки адои намоз бикунад, пас метавонад дар ҳар ҷои масҷид, ки адои намоз барояш муяссар гардид, намозашро бихонад. Ҷобир разияллоҳу анҳу ривоят мекунад, ки Паёмбар алайҳиссалом дар ин ду ракат намоз сураҳои Кофирун ва Ихлосро баъд аз хондани сураи Фотиҳа қироат кардаанд. (Саҳеҳи Муслим, 1218)

8. Салом додани Ҳаҷарул-асвад баъди хондани ду ракати намози тавоф барои касоне, ки дар эҳром қарор доранд. Далели ин суннат ривояти Ҷобир разияллоҳу анҳуст, ки мефармояд: ***"Паёмбар алайҳиссалом баъди адои ду ракат намоз гашта омада ва Ҳаҷарул-асвадро салом дода, ба тарафи Сафо ҳаракат карданд.*** ” (Саҳеҳи Муслим, 1218)

***Огоҳӣ:*** Аз Абдуллоҳ ибни Умар разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар эҳром ҳангоми дохил шудан ба ҳарам гуфтани талбияро идома намедоданд. (Муваттои Имом Молик, 954 / Ҳадиси саҳеҳ аст.)

**Маърифати 14-ум: Сифат ва чигунагии тавофи Паёмбар алайҳиссалом**

Ҳадиси Абдуллоҳ ибни Умар разияллоҳу анҳуст, ки ҳар гоҳе мардум аз ӯ аҳкоми ҳаҷ ва умраро пурсон мекарданд, Ибни Умар Аллоҳ аз ӯ розӣ бод суннати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро барояшон баён мекард ва ин фармудаи Аллоҳ таъолоро мехонд:

لَقَد كانَ لَكُم في رَسولِ اللَّهِ أُسوَةٌ حَسَنَةٌ لِمَن كانَ يَرجُو اللَّهَ وَاليَومَ الآخِرَ وَذَكَرَ اللَّهَ كَثيرًا

**"Ҳақиқатан эй мӯъминон, дар зиндагӣ, дар гуфтор ва дар кирдоратон барои шумо Расули Аллоҳ сармашқи некӯе мебошад, хусусан барои касоне, ки онҳо ба Аллоҳ ва рӯзи қиёмат умед доранд ва Аллоҳро бисёр ёд мекунанд. Пас шумо суннати ӯро бар худ лозим бигиред ва шукри Аллоҳро дар ҳама ҳол ба ҷой биоваред."** (Аҳзоб, 21) (Саҳеҳи Бухорӣ, 1612) Бинобар ин, банда бояд тавофро бо таъзим, бузургдошт, муҳаббат ва бо оромӣ ва хушӯъ ба Аллоҳ, ки Парвардигори ҷаҳониён аст, анҷом бидиҳад ва онро бо пайравӣ аз Расулуллоҳ иҷро намояд.

Хулоса сифат ва чигунагии тавофи Паёмбар алайҳиссалом дар атрофи Каъба ингуна ворид шудааст: Ҳар гоҳ шахсе бихоҳад тавоф намояд, нахуст аз Ҳаҷарул-асвад оғоз намуда, рӯ ба рӯяш истода, ба кафи дасти росташ ишора карда ва Аллоҳу акбар мегӯяд. Дар сурате, ки ба мардум озор ва азият нарасад, дастони худро бар Ҳаҷарул-асвад гузошта ва Ҳаҷарул-асвадро бӯса мезанад, агар натавонист Ҳаҷарул-асвадро бибӯсад, пас танҳо ҳар ду дасти худро бар он гузошта, дастҳояшро мебӯсад ва агар бар ин ҳам муваффақ нашуд, пас танҳо дасти рости худро ба Ҳаҷарул-асвад мениҳад ва дасти худро мебӯсад. Агар ба дасти хеш ҳам натавонист ба Ҳаҷарул-асвад бирасад, пас метавонад бо асо ва ё чизи дигаре, ки дар дасташ бошад, тавассути он Ҳаҷарул-асвадро масҳ намуда, сипас онро бибӯсад. Агар ин кор низ барояш муваффақ нашуд, пас рӯ ба рӯи Ҳаҷарул-асвад меистад ва дасти рости худро ба сӯи он мебардорад ва танҳо Аллоҳу акбар мегӯяд. Сипас ба тарафи рости Ҳаҷарул-асвад, ки дарвоза қарор дорад, ҳаракат намуда ва хонаи Каъбаро дар тарафи чапи худ қарор дода, аз пушти ҳатим мегузарад. Баъдан агар аз рукни ямонӣ гузар кард, онро масҳ карда, дуоъи ***"Раббано отино фид-дунё хасана ва фил-охирати хасанаҳ ва қино ъазобан-нор"*** - ро мехонад. Дар аснои тавоф тавофкунанда

метавонад дуъо, зикр ва истиғфори Аллоҳ таъолоро зиёд бикунад, зеро ӯ дар беҳтарин макон қарор дорад.

Ҳангоме, ки ба Ҳаҷарул-асвад расид, аввалин тавофи ӯ ба поён мерасад ва ба монанди равиши зикршуда 6-тавофҳои баъдиро низ анҷом медиҳад. Ҳар вақте, ки тавофкунанда ба Ҳаҷарул-асвад мерасад, ба монанди бори аввал, агар барояш муяссар гардид, онро масҳ намуда ва мебӯсад, яъне тавофашро бо масҳи Ҳаҷарул-асвад оғоз намуда ва бо масҳи он ба поён мерасонад. Баъдан тавофкунанда назди мақоми Иброҳим рафта, мақомро байни худ ва Каъба қарор дода, ду ракат намози тавофро мехонад, ки дар ракати аввал баъд аз хондани сураи Фотиҳа сураи Кофирунро илова карда ва дар ракати дуввум баъд аз сураи Фотиҳа сураи Ихлосро мехонад. Баъди хондани ин ду ракат намоз, баргашта ба назди Ҳаҷарул-асвад меёяд ва онро салом медиҳад, ки бо ин равиш тавофи Каъбатуллоҳ ба поён мерасад.

Ҷойи зикр аст, ки манзур аз салом додан ба Ҳаҷарул-асвад, ин гузоштани дастон ва ламс кардан ва бӯсидани он мебошад, дар сурате ки ин амал бароящ муяссар бошад. Аммо агар тавофкунанда натавонист ҳарду дасташро бар он бирасонад, пас танҳо бар расонидани дасти росташ иктифо намуда ва онро мебӯсад ва агар ин кор ҳам бароящ муяссар нашавад, пас метавонад бо асо ва ё чизи дигаре, ки дар дасташ бошад, тавассути он Ҳаҷарул-асвадро масҳ намуда, сипас онро бибӯсад. Аммо агар ин кор низ бароящ муяссар нашавад, пас танҳо аз дур ба он ишора карда ва такбир (Аллоҳу акбар) мегӯяд.

***Огоҳӣ:*** Салом додан ба Ҳаҷарул-асваде, ки баъди ду ракати намози тавоф сурат мегирад, барои он нафаронест, ки баъд аз он ба тарафи Сафо ҳаракат мекунанд, аммо барои касоне ки ба Сафо намераванд, салом кардан ба Ҳаҷарул-асвад баъди ду ракат намози тавоф суннат нест.

**Маърифати 15-ум: Фазилат ва савоби тавоф**

Албатта яке аз суннатҳои илоҳӣ барои ташвиқ ва тарғиб кардани бандагони худ ва ҳамчунин барои наҷот ва сарбаландии онҳо, ин баён кардани фазилат ва аҷру савобҳо барои амалҳои солеҳ ва ибодати Ӯ таъоло мебошад, ки аз он ҷумла тавоф дар гирди Каъба ҳамчун аввалин хонаи худ низ яке аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб меравад

*Фазилати тавофи Каъба бо ин тартиб мебошад:*

1. Тавоф аз ҷумлаи шиъорҳои дини Ислом аст.

2. Тавоф ягона ибодатест, ки танҳо дар гирди Каъба анҷом дода мешавад.

3. Аллоҳ таъоло аз тавофкунандаи Каъба розӣ ва миннатдор мешавад. Далели фазилатҳои зикршуда ин фармудаи Аллоҳ таъоло мебошад:

**إِنَّ الصَّفا وَالمَروَةَ مِن شَعائِرِ اللَّهِ فَمَن حَجَّ البَيتَ أَوِ اعتَمَرَ فَلا جُناحَ عَلَيهِ أَن يَطَّوَّفَ بِهِما وَمَن تَطَوَّعَ خَيرًا فَإِنَّ اللَّهَ شاكِرٌ عَليمٌ**

**"Сафо ва Марва аз шиорҳои дини Аллоҳ мебошанд. Пас касе, ки қасди хонаи Аллоҳ карда, ҳаҷҷи хонаро ба ҷой меоварад ё умра мегузорад, бар вай боке нест, ки дар миёни ин ҳар ду тавоф бикунад, балки тавоф кардан бар ӯ воҷиб аст. Ҳар ки ба рағбати худ амали неке анҷом бидиҳад, бидонад, ки Аллоҳ шукргузори доност!"** (Бақара, 158)

4. Дар ҳар як тавофи комил ба Каъба, барои тавофкунанда савоби як ғулом озод кардан дода мешавад, яъне ҳар касе 7-даврро комил ва дуруст анҷом диҳад ва баъдан ду ракат намози тавофро бихонад, савоби озод кардани 1-ғулом бар ӯ дода мешавад.

5. Дар ҳангоми тавоф намудан, барои бардоштани ҳар қадам як гуноҳ бахшида мешавад

6. Дар ҳангоми тавоф намудан, барои мондани ҳар қадам як савоб навишта мешавад. Далели фазилатҳои зикршуда аз ин фармудаи Паёмбар алайҳиссалом мебошанд:

**مَنْ طَافَ أُسْبُوعًا ، يُحْصِيهِ ، وَصَلَّى رَكْعَتَيْنِ : كَانَ لَهُ كَعِدْلِ رَقَبَةٍ، لا يَضَعُ قَدَمًا وَلَا يَرْفَعُ أُخْرَى : إِلَّا حَطَّ اللَّهُ عَنْهُ خَطِيئَةً ، وَكَتَبَ لَهُ بِهَا حَسَنَةً**

***"Ҳар кас ба ин хонаи Каъба ҳафт давр тавоф бикунад ва онро ҳисоб намояд (яъне онро бо беҳтарин ваҷҳ адо намуда, онро кам ва ё зиёд накунад ва одоби тавофро риоя намояд), пас ба ин шахс аҷри озод кардани як ғулом дода мешавад ва дар вақти тавоф намудан Аллоҳ аз ӯ барои бардоштани ҳар қадамаш аз замин гуноҳеро мебахшад ва барои гузоштани ҳар қадамаш бар замин Аллоҳ бар ӯ ҳасанае менависад."*** (Сунани Тирмизӣ, 959- 960 / Ҳадиси саҳеҳ аст)

7. Тавоф дар Каъба ба манзилати намоз аст, ба ҷуз сухан кардан, ки он ҳам дар ҳолатҳои зарурӣ ҷоиз аст. Далели ин фазилатро Паёмбар алайҳиссалом ингуна баён кардаанд:

الطَّوَافُ بِالْبَيْتِ صَلاةٌ , إلا أَنَّكُمْ تَتَكَلَّمُونَ فِيهِ, فَمَنْ تَكَلَّمَ فِيهِ فَلَا يَتَكَلَّمَنَّ إِلَّا بِخَيْرٍ

***"Тавоф кардан дар Каъба, намоз аст, магар ин ки шумо дар он сухан мекунед. Агар ҳар касе аз шумо хост то дар ҳангоми тавофаш сухан бикунад, пас сухан накунад магар барои кори хайре."*** (Сунани Тирмизӣ, 960 / Ҳадиси саҳеҳ аст)

8. Дар ҳар қадами тавоф 10-савоб навишта мешавад.

9. Дар ҳар қадами тавоф 10-гуноҳ бахшида мешавад.

10. Дар ҳар қадами тавоф мартабаи тавофкунанда 10-дараҷа дар назди Аллоҳ таъоло баланд бардошта мешавад. Далели фазилатҳои боло аз ин фармудаи Паёмбар алайҳиссалом мебошанд:

مَا رَفَعَ رَجُلٌ قَدَمًا وَلَا وَضَعَهَا: إِلَّا كُتِبَتْ لَهُ عَشْرُ حَسَنَاتٍ ، وَحُطَّ عَنْهُ عَشْرُ سَيِّئَاتٍ ، وَرُفِعَ لَهُ عَشْرُ دَرَجَاتٍ. حسنه أحمد شاكر والأرناؤوط في تحقيق المسند

***“Шахси тавофкунанда ҳар қадамеро, ки барои тавоф намудан мегузорад, бар ӯ 10-ҳасана навишта шуда, аз ӯ 10-гуноҳ бахшида мешавад ва ҳамчунин мартабаи ӯ 10-дараҷа дар назди Аллоҳ боло бардошта мешавад.”*** (Муснади Имом Аҳмад, 4462/ Ҳадиси ҳасан аст)

11. Дар ҳар салом додан ё ишора ба Ҳаҷарул-асвад гуноҳ пок карда мешавад.

12. Ба дасти рост масҳ кашидани рукни ямонӣ гуноҳонро пок мекунад. Паёмбар алайҳиссалом мефармоянд:

إِنَّ اسْتِلَامَهُمَا يَحُطُّ الْخَطَايَا

***"Албатта истиломи (салом додани) Ҳаҷарул-асвад ва рукни ямонӣ гуноҳонро пок мекунад."*** (Сунани Тирмизӣ, 959/ Ҳадиси саҳеҳ аст.) Ин ҷо манзур аз истиломи рукни ямонӣ масҳ кашидани он танҳо ба дасти рост мебошад, чигунае дар суннатҳои тавоф баён карда шуд, аммо ишора кардан ба даст дар суннат ворид

нашудааст, чигунае ки дар истиломи Ҳаҷарул-асвад ишора кардан ба дасти рост ва гуфтани ***"Аллоҳу акбар"*** аз Паёмбар алайҳиссалом ворид шудааст.

13. Ҳаҷарул-асвад дар рӯзи қиёмат барои саломдиҳандаи худ шоҳидӣ медиҳад. Паёмбар алайҳиссалом мефармоянд:

**قال رسولُ اللهِ ﷺ في الحَجَرِ واللهِ ليبعثَنَّه اللهُ يومَ القيامةِ، له عينانِ يبصرُ بهما، ولسانٌ ينطقُ به، يشهدُ على مَنْ استلمَه بحقٍّ**

***"Аллоҳ таъоло Ҳаҷарул-асвадро дар рӯзи қиёмат мехезонад, аз барои ӯ ду чашме аст, ки ба он мебинад ва забон дорад, ки ба он сухан мекунад, шаҳодатӣ медиҳад барои касоне, ки ӯро холисона барои ибодати Аллоҳ таъоло салом дода бошанд, на барои риёву худнамоӣ."*** (Сунани Тирмизӣ, 961/ Ҳадиси саҳеҳ аст) Уламои Ислом аз ин ҳадиси муборак, ки дар он калимаи, ***"би-ҳаққин"*** омадааст гуфтанд: *"Бояд тамоми амалҳои ҳаҷ ва умра ба он тарзе анҷом дода шаванд, ки Паёмбар алайҳиссалом онҳоро анҷом дода бошанд, зеро ибодат бар асоси ду шарт қабул карда мешавад. Аввал ибодат бояд бо он тартибе анҷом дода шавад, ки Паёмбар алайҳиссалом онро бо он тартиб анҷом дода бошанд ва баъдан ибодат бояд бо ихлоси комил анҷом дода шавад.* Аз ин хотир, ҳоҷиёне, ки қасди зиёрати хонаи Аллоҳро доранд, бояд ниятҳояшонро холис барои Аллоҳ таъоло гардонанд ва ҳадафашон танҳо ризояти илоҳӣ бошад, на ин ки тамошо намудани олами исломӣ ё бар асоси суханони мардум, ки бигӯянд фалонӣ ҳаҷ менамояд ва амсоли ин. Бо ин далел, ибодат хоҳ ҳаҷ бошад ва ё намуди дигари он, агар бо мақсади риё ва худнамоӣ иҷро карда шавад, пас ин ибодат мавриди қабули Аллоҳ таъоло нахоҳад буд.

Инҷо шояд саволе дар зеҳни хонандагон пайдо бишавад, ки фазилат ва аҷри тавофи Каъбатуллоҳ беҳтар аст ё намоз хондан дар Масҷидул-ҳаром ё ба таври дигар, оё зиёраткунандагон дар Масҷидул-ҳаром зиёд тавоф бикунанд ва ё бештар намоз бихонанд? Албатта адои намоз дар Масҷидул-ҳаром ва тавоф дар атрофи Каъба, ҳар ду фазилати бузургеро доранд, ки дар боло фазилати онҳо зикр карда шуд, аммо уламои Ислом дар мавриди бартарии намоз бар тавоф ва ё бартарии тавоф бар намоз назарияҳои зиёд доранд, ки тафсилоти бештар мехоҳад. Ба таври фишурда метавон гуфт, ки баъзе аз донишмандон бар ин назаранд, ки барои мусофир (касе ки

сокини шаҳри Макка нест) беҳтар аст, ки зиёд тавоф намояд, зеро ӯ метавонад намозро дар ҳар макони дигаре анҷом бидиҳад ва намоз махсуси Масҷидул-ҳаром ба ҳисоб намеравад. Аз ин сабаб барои касе, ки сокини шарҳи Макка нест, бештар тавоф намуданаш беҳтар аст, зеро тавоф намудан ба ғайр аз Каъба дар ҷои дигаре муяссар нахоҳад шуд ва фурсатро ғанимат шумурда ӯ бояд бештар тавоф намояд. Аммо барои касоне, ки сокини шаҳри Макка мебошанд, бештар намоз хондан барояшон беҳтар аст, зеро намоз аз тавоф афзалияти бештар дорад.

**Маърифати 16-ум: Шартҳои саъй (рафту омад) байни Сафо ва Марва**

Аллоҳ таъоло мефармояд:

**إِنَّ الصَّفا وَالمَروَةَ مِن شَعائِرِ اللَّهِ فَمَن حَجَّ البَيتَ أَوِ اعتَمَرَ فَلا جُناحَ عَلَيهِ أَن يَطَّوَّفَ بِهِما وَمَن تَطَوَّعَ خَيرًا فَإِنَّ اللَّهَ شاكِرٌ عَليمٌ**

**"Сафо ва Марва аз шиорҳои дини Аллоҳ мебошанд. Пас касе, ки қасди хонаи Аллоҳ карда, ҳаҷҷи хонаро ба ҷой меоварад ё умра мегузорад, бар ӯ гуноҳе нест, ки дар миёни Сафо ва Марва тавоф бикунад, ҳатто тавоф кардан бар ӯ воҷиб аст. Ҳар кӣ ба рағбати худ амали неке анҷом бидиҳад, бидонад, ки Аллоҳ шукргузори доност!"** (Бақара, 158) Аллоҳ таъоло дар ин оят саъй байни Сафову Марваро аз шиорҳои дини Ислом зикр намудааст. Ҳамчунин Паёмбар алайҳиссалом амр фармудааст:

**اسْعَوُا، فإِنَّ اللهَ قدْ كَتَبَ عليْكمْ السَّعْيَ**

**"Эй мардум, саъйи байни Сафову Марваро анҷом диҳед, зеро Аллоҳ таъоло онро барои шумо фарз гардонида аст."** (Саҳеҳи Ҷомеъ, 967) Чигунае ки Ислом барои тавоф шартҳои хос гузоштааст, барои саъй байни Сафо ва Марва низ шартҳое гузоштааст, ки дар сурати иҷро нашудани яке аз онҳо, саъй саҳеҳ набуда, балки ботил мегардад.

*Шартҳои саъй байни Сафо ва Марва инҳо мебошанд:*

1. ***Мусалмон будан.***

2. ***Дорои ақли солим будан.***

3. ***Нияти саъйро мушаххас кардан.***

4. ***Саъйро дар масири муайяни Сафо ва Марва анҷом додан.*** Ин шарт ба ин маъност, ки шахс бояд ҳангоми саъй аз масири муайяни Сафо ва Марва хориҷ

нагардад, зеро дар сурате, ки қисмати зиёдтари саъйи ӯ дар хориҷи ин масир воқеъ шавад, пас саъй ботил мегардад.

5. ***Масбуқ будан ба эҳром саҳеҳ бошад.*** Яъне ҳоҷӣ бояд пеш аз оғози саъйи Сафо ва Марва ба эҳром дохил шуда бошад, чи эҳроми ҳаҷ бошад ва чи эҳроми умра, бо ин маъно ки саъйи Сафо ва Марва бояд баъд аз тавофи саҳеҳ сурат бигирад.

6. ***Ибтидо бояд аз Сафо шурӯъ бишавад ва интиҳо бояд дар Марва хатм бишавад.*** Далели ин шарт, аз ин ҳадиси Паёмбар алайҳиссалом аст, ки фармудаанд: ***"Ибтидо мекунам ба он чизе, ки Аллоҳ таъоло ба он ибтидо кардааст, яъне "Иннас Сафо вал Марвата мин шаъоир-Аллоҳи."*** (Саҳеҳи Муслим / Ривояти Ҷобир разияллоҳу анҳу) Агар касе саъйро баръакс анҷом дод, яъне аз Марва шурӯъ намуда ва бо Сафо хатм намуд, пас саъйи ӯ дар ин ҳолат ботил аст. Баъзе аз фуқаҳо ҳатто гуфтаанд, ки тартиби мазкур шарт набуда, балки воҷиб аст ва ин ба он маъност, ки агар касе саъйро аз Марва шурӯъ карда ва онро дар Сафо ба итмом расонда бошад, пас танҳо як маротибаи дигар аз Сафо шурӯъ карда ва дар Марва онро ба итмом мерасонад, зеро чигунае ки қайд карда шуд, саъй бояд аз Сафо оғоз бишавад.

7. ***Такмили ҳафт мартаба (рафту баргашт миёни Сафо ва Марва).*** Бояд ҳоҷӣ ҳафт шавтро[11] комилан анҷом диҳад ва агар ӯ камтар аз ҳафт шавтро анҷом диҳад, пас саъйаш ботил аст.

8. ***Пай дар пай анҷом додани саъй.*** Тибқи ҳадисе, ки Ҷобир разияллоҳу анҳу ривоят кардааст, далолат бар он мекунад, ки шахс бояд саъйро пайиҳам ва бидуни таваққуф анҷом бидиҳад, магар дар ҳолатҳои зарурат, мисли адои намоз баъди шунидани азон ё ҳолатҳои зарурат ба таҳоратро доштан ва амсоли инҳо, ки бояд ин амалҳоро низ шахс бидуни таъхир намудан анҷом бидиҳад.

### Маърифати 17-ум: Суннатҳои саъй

Ҳар гоҳ шахсе мехоҳад дар миёни Сафо ва Марва саъй намояд, баъд аз поёни ду ракат намози тавоф Ҳаҷарул-асвадро масҳ (салом) намуда, сипас ба кӯҳи Сафо боло мешавад ва ин суннатҳои Паёмбар алайҳиссаломро бо ин тартиб анҷом медиҳад:

---

[11] Дар истилоҳи шаръ рафтани байни Сафо то Марва ва ё рафтани байни Марва то Сафоро "шавт" меноманд.

1. Баромадан ба кӯҳи Сафо ва Марва ва хондани ояти 158-уми сураи Бақара:

إِنَّ الصَّفَا وَالْمَرْوَةَ مِن شَعَائِرِ اللَّهِ

**"Иннас Сафо вал Марвата мин шаъоир-Аллоҳи…"** Баъд аз ин, дар ҳоле, ки рӯи худро ба тарафи Каъба намуда такбир ва таҳлил гуфтааст, ин дуъо ва зикрро 3-маротиба мегӯяд: ***"Ло илоҳа иллал-лоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу, лаҳул-мулку ва лаҳул-ҳамду ва ҳува ало кулли шайин қадир."*** (Ҳадиси Ҷобир разияллоҳу анҳу)

3. Риояти равиши рафтан дар саъй, ки дар бархе ҷойҳо тавофкунанда бояд зуд ва дар бархе мавозеъ бояд ором ҳаракат кунад ва ӯ ба як нишонаи сабзе мерасад, ки аз онҷо то нишонаи сабзи дигар давидани ӯ суннат аст, зеро Паёмбар алайҳиссалом ин амалро анҷом додаанд ва ҳазрати Ҷобир разияллоҳу анҳу инро аз Паёмбар алайҳиссалом дар сифати саъй бо ҳамин равиш ривоят кардааст.

Ибни Мунзир, Ибни Баттол ва Ибни Абдулбар иттифоқи олимонро зикр мекунанд, ки онҳо бар он назаранд, ки занҳо бояд дар миёни нишонаҳои сабз надавида ва дар ҳамаи давраҳои саъй бояд ба сурати оддӣ роҳ бираванд.

3. Дуъо ва зикр кардан дар ҳангоми саъй ва аз ҷумла зиёд хондани ин дуъо, зеро ҷамъе аз асҳоби Паёмбар алайҳиссалом ин амалро анҷом медоданд.

ربِّ اغِفْرِ وارحَمْ؛ إنَّك أنت الأعزُّ الأكرمُ

**"Раббиғ-фир варҳам ва антал-аъаззул-акрам."** *"Парвардигоро моро бубахш ва раҳмат бикун, зеро Ту эй Аллоҳ бо иззат ва карим ҳастӣ."*

4. Анҷом додани саъй бо пиёда магар барои касоне, ки узри шаръӣ доранд. Барои соҳибони узри шаръӣ иҷоза аст, ки савора саъйро анҷом диҳанд.

5. Ҳаргоҳ тавофкунанда аз нишонаи сабзи дуввум гузашт, пас дубора ба сурати оддӣ роҳ меравад, то он ки ба Марва мерасад ва ба он боло мешавад. Ҳамон корҳоеро анҷом медиҳад, ки ӯ дар Сафо анҷом дода буд, танҳо ояти 158-сураи Бақараро намехонад ва ин рафтораш аз Сафо то Марва як давр ҳисоб мешавад ва ҳамин тавр ҳафт даврро саъй менамояд. Аз Сафо оғоз карда ва ба Марва поён меёбад ва дар ҷараёни саъйаш зикри Аллоҳро идома медиҳад ва дар вақти баргаштанаш дар ҳамон ду нишонаи сабз медавад. Занҳо дар миёни нишонаҳои сабз надавида ва дар ҳамаи давраҳои саъй ба сурати оддӣ роҳ меравrouteнд.

**Маърифати 18-ум: Чигуна тарошидан ё кӯтоҳ кардани мӯйи сар**

Вақте муҳрими (шахси дар эҳромбудаи) умра ҳафт даври байни Сафо ва Марваро ба итмом расонид, пас аз Марва хориҷ мешавад. Барои ӯ танҳо тарошидан ё кӯтоҳ кардани мӯйи сар боқӣ мемонад, то ин ки аз эҳром хориҷ шавад ё ба истилоҳи шаръ ҳалол гардад. Аллоҳ таъоло дар ин масъала мефармояд:

**لَتَدۡخُلُنَّ ٱلۡمَسۡجِدَ ٱلۡحَرَامَ إِن شَآءَ ٱللَّهُ ءَامِنِينَ مُحَلِّقِينَ رُءُوسَكُمۡ وَمُقَصِّرِينَ**

**"Албатта Паёмбар ва асҳобаш дар эмин ҳастанд, дар ҳоле ки гурӯҳе мӯйи сар тарошида ва гурӯҳе мӯйи сарашонро кӯтоҳ карда, бе ҳеҷ тарсе аз аҳли ширк ба Масҷидулҳаром дохил мешаванд.”** (Фатҳ, 27) Ваҷҳи далолати ин оят он аст, ки Аллоҳ таъоло тарошидан ва ё кӯтоҳ кардани мӯйи сарро сифате аз ҳаҷ ва умра қарор додааст, ки ин равиш худ бар воҷиб будани яке аз онҳо далолат мекунад. Ҳамчунин ин оят далел бар ин аст, ки тарошидани мӯйи сар аз кӯтоҳ кардани он афзалтар аст, зеро Аллоҳ таъоло аввал тарошиданро зикр намуда ва баъдан кӯтоҳ намуданро зикр кардааст. Ҳамчунин Паёмбар алайҳиссалом баъди анҷоми саъй байни Сафо ва Марва мӯйи сари худро тарошидаанд. Абдуллоҳ ибни Умар разияллоҳу анҳу ҳадисеро ингуна ривоят мекунад:

**حَلَقَ رسولُ الله صلَّى اللهُ عليه وسلَّم في حَجَّتِه**

**"Паёмбар алайҳиссалом мӯйи сари худро дар ҳаҷ тарошиданд."** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1726) Ин феъли Паёмбар алайҳиссалом далолат бар он мекунад, ки тарошидани мӯйи сар аз кӯтоҳ кардани он афзалтар аст, зеро худи Паёмбар алайҳиссалом мӯйи сарашонро тарошидаанд ва Паёмбар алайҳиссалом дар ҳаққи касоне, ки мӯйҳои сари худро метарошанд дуъои раҳмат ва мағфиратро ба такрор гуфтаанд:

**اللهم ارحَم المحلّقين، قالوا: والمقصِّرين يا رسول الله؟ قال: اللهم ارحَم المحلِّقين، قالوا: يا رسول الله والمقصِّرين؟ قال: والمقصِّرين**

***"Бор Илоҳо раҳмату мағфират намо касонеро, ки мӯйҳои сари худро метарошанд." Асҳоб гуфтанд: "Эй Расули Аллоҳ, мӯйи сар кӯтоҳкунандагонро низ дуъо бифармоед." Паёмбар алайҳиссалом дубора гуфтанд: "Илоҳо раҳмату мағфират намо касонеро, ки мӯйҳои сари худро метарошанд." Асҳоб дубора гуфтанд: "Эй Расули Аллоҳ. Мӯйи сар кӯтоҳкунандагонро низ дуоъ бифармоед."***

***Баъдан Паёмбар алайҳиссалом гуфтанд: "Бор Илоҳо, касоне, ки мӯйҳои сари худро кӯтоҳ мекунанд, раҳмату мағфират бикун."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1721)

***Огоҳӣ:*** Аз далелҳо ва суханҳои дар боло зикргардида маълум мешавад, ки дар тарошидан ё кӯтоҳ кардани мӯйи сар суннат он аст, ки ё ҳамаи мӯйи сар тарошида мешавад ё аз ҳамаи мӯйҳои сар ба куллӣ кӯтоҳ карда мешавад. Ҳамчунин суннат он аст, ки мӯй бояд аз тарафи рости сар тарошида ё кӯтоҳ карда шавад, зеро Паёмбар алайҳиссалом ин равишро ба сартароши худ ишора кардаанд. (Саҳеҳи Муслим, 1305) Аммо дар ин масъала занҳо истисно ҳастанд, чуноне, ки Паёмбар алайҳиссалом фармудаанд:

ليس على النِّساءِ حَلْقٌ، وإنَّما عليهِنَّ التَّقصير

***"Барои занон тарошидани мӯйи сар нест, балки танҳо кӯтоҳ кардани мӯйи сар аст."*** (Сунани Абудовуд, 1980 / Ҳадиси саҳеҳ аст.) Ҳадис далолаткунандаи он аст, ки занон бояд на танҳо аз мӯйи пеши сар ё аз зулфҳояшон, балки аз ҳамаи муйи сарашон ба андозаи ҳадди ақал, сари як ангушт аз мӯйи худро бибурранд.

Занон дар тамоми маносики ҳаҷ монанди мардон амал менамояд, танҳо дар умури зерин аз мардон тафовут доранд:

1. Занон сари худро бараҳна намекунанд.
2. Занон рӯяшонро бо чодар ва ниқоб намепӯшонанд.
3. Занон садои худро дар талбия баланд наменамояд.
4. Занон дар тавоф рамл намекунанд, яъне дар се давраи аввали тавоф ба зудӣ ҳаракат намекунанд, зеро ин амал танҳо барои мардон суннат мебошад.
5. Занон дар саъй дар миёни нишонаҳои сабз намедаванд.
6. Занон сарашонро натарошида, вале мӯйи сари худро кӯтоҳ мекунанд.

**Маърифати 19-ум: Эҳсор**

Эҳсор дар истилоҳи шариъат ба он ҳолате гуфта мешавад, ки агар муҳрим аз рафтан ба ҳаҷ ё умра боз дошта шавад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَأَتِمُّواْ ٱلۡحَجَّ وَٱلۡعُمۡرَةَ لِلَّهِۚ فَإِنۡ أُحۡصِرۡتُمۡ فَمَا ٱسۡتَيۡسَرَ مِنَ ٱلۡهَدۡيِۖ

**"Ҳаҷ ва умраро барои Аллоҳ комил ба ҷой оред ва агар шумо аз сабаби беморӣ ва ё қасди душман аз ҳаҷ ё умра боз дошта шудед, он миқдор, ки**

**метавонед, аз шутур ё аз гов ё аз гӯсфанд қурбонӣ бикунед (бо мақсади наздики ба Аллоҳ) ва сар матарошед, ҳангоме ки дар роҳ боздошта шудаед, то ин ки қурбонии шумо ба қурбонгоҳаш бирасад. Баъд аз анҷоми қурбонӣ, аз эҳром баромаданатон ҳалол мешавад (Чунонеки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар Ҳудайбия ин корро анҷом доданд) ва баъдан саратонро тарошед, аммо шахсе, ки дар Ҳарам аст, қурбониашро бояд дар онҷо забҳ бикунад."** (Бақара, 196) Агар муҳрим ба василаи душман боз дошта шуд ё маразе ӯро аз рафтан боздошт, барояш ҷоиз аст то аз эҳром хориҷ шавад ва агар муҳрим дар Ҳарам қарор дошт, пас гӯсфанде забҳ намуда, баъдан мӯйи сари худро тарошида ё кӯтоҳ мекунад. Аммо агар муҳрим ба Ҳарам нарасида буд, пас гӯсфанд ё қимати онро мефиристад ва шахсеро вакил қарор медиҳад, то гӯсфандро барояш дар Ҳарам забҳ намояд ва вакилаш ӯро ваъда медиҳад, ки гӯсфандро дар як рӯзи муайян забҳ хоҳад кард. Ҳар гоҳ гӯсфанди фиристодашудаи муҳрим дар вақти муайяннамуда ба василаи вакилаш дар Ҳарам забҳ карда шуд, пас он шахс яқинан ҳалол мешавад.

Агар шахси боздоштшуда иродаи ҳаҷ ё умра карданро дошт, аммо аз анҷоми ҳаҷ ё умра манъ гардида ва худро ҳалол намуд, пас дар ин ҳолат бар ӯ қазои умра зарур аст, ба шарте, ки дубора тавон ва қудрати анҷоми онро ба даст оварад. Аммо касе, ки иродаи эҳром барои ҳаҷ ё умра дорад, барояш иҷоза аст, ки ҳангоми эҳром дар сурати тарс аз вуҷуди монеаъе, ки ӯро аз комил кардани ҳаҷ ва умра боз медорад, шарт монда ва бигӯяд:

إن حبسني حابس فمحلي حيث حبستني

***"Ин ҳабасанӣ ҳабисин фамаҳаллӣ ҳайсу ҳабасатнӣ."*** *Агар монеаъе маро боздошт, пас хориҷ шудани ман аз эҳром ҳамон ҷоест, ки аз онҷо боз дошта шудам*. Ин шахс ин амали мазкурро анҷом медиҳад, зеро Паёмбар алайҳиссалом ба Зубоъа бинти Зубайр, ки бемор буд ва қасди ҳаҷ дошт фармуданд: ***"Ҳаҷ бикун ва шарт бигзор ва бигӯ: "Парвардигоро хориҷ шудани ман аз эҳром ҳамон ҷоест, ки маро боз доштӣ.""*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 5089) Фоидае, ки шахс из ин кор мебарад, ин аст, ки агар монеаъе, ҳодисае ё мушкилие монанди бемориӣ ҳоҷиро аз идомаи ҳаҷ ё умра кардан боз дошт, пас ӯ аз эҳром хориҷ мешавад ва ҳеҷ чизе бар ӯҳдаи ӯ нахоҳад буд,

на фидя, на қурбонӣ ва на тарошидани мӯйи сар. Аммо агар ӯ ин шартро накунад, пас ӯ "муҳсар" хоҳад буд ва муҳсар касест, ки аз комил кардани "маносик" (ҳаҷ ва умра) боз дошта шуда ва бояд қурбонӣ кунад ва сарашро битарошад, ҳамон гунае, ки Паёмбар алайҳиссалом дар соли Ҳудайбия ҳангоме, ки мушрикон эшонро аз ворид шудан ба Маккаи мукаррама боз доштанд, анҷом доданд. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар он воқеъа қурбонии худро куштанд, сари хешро тарошиданд ва дастур доданд то ёронашон низ чунин кунанд ва ба онон фармуданд: ***"Бархезед ва қурбонӣ кунед, сипас сари худро битарошед."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 2734)

**Маърифати 20-ум: Дуъоҳо ва зикрҳо**

Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло дар Қуръони карим фармудааст:

**وَقالَ رَبُّكُمُ ادعوني أَستَجِب لَكُم**

**“Парвардигори шумо фармудааст: ”Дуъо ва илтиҷо кунед Маро, ки иҷобат мекунам шуморо.””** (Ғофир, 60) Ҳамчунин Аллоҳ таъоло фармудааст:

**يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱذۡكُرُواْ ٱللَّهَ ذِكۡرٗا كَثِيرٗا, وَسَبِّحُوهُ بُكۡرَةٗ وَأَصِيلًا**

**“Эй касоне, ки имон овардаед, Аллоҳ таъолоро зиёд ёд кунед ва ҳама вақт ба ёди Аллоҳ бошед, хусусан дар ҳангоми бомдод ва шом баъди намозҳои фарз Ӯро тасбеҳ бигӯед!”** (Аҳзоб, 41) Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам хабар медиҳанд: ***“Ба Аллоҳ савганд ёд мекунам, ки ба дурустӣ ман дар як рӯз зиёда аз ҳафтод бор аз Аллоҳ талаби мағфират мекунам ва ба сӯи Ӯ тавба мекунам."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 6307)

Дар ин маърифат ҷамъе аз дуъоҳои қуръонӣ ва дуъоҳоеро овардаем, ки саҳеҳ ва собитшуда аз Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошанд, то ҳоҷиёни гиромӣ бо инҳо Аллоҳ таъолоро дуъо ва илтиҷо карда ва розу ниёзи худро ба Парвардигори худ бигӯянд. Ҷойи зикр аст, ки ин дуъоҳои қуръонӣ ва суннатӣ бо шакл ва тартиби ом ворид шудаанд, яъне ин дуъоҳо махсуси ин маконҳои муқаддас набуда, балки ин маконҳои бузург ва муқаддас яке аз сабабҳои қабули дуъо ба ҳисоб мераванд. Албатта афзал ин аст, ки ҳоҷиён ва тавофкунандагон муноҷот ва хостаҳои дилхоҳи худро вобаста бо мушкилоти худ ва бо забонҳои худ аз Аллоҳ таъоло талаб

бикунанд ва ҳамчунин дуъоҳоеро низ бихонанд, ки мавриди писанди худ медонанд, зеро чигунае ки қайд карда шуд, дуъоҳои махсус дар ин замина ворид нашудаанд, ба ҷуз чанд дуъое, ки дар маърифатҳои қаблӣ зикр карда шуданд.

1. Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: "Ҳар вақте, ки шахсе аз хонааш берун барояд ва бигӯяд:

بسم الله، توكلت على الله، لا حول ولا قوة إلا بالله

***Бисмиллаҳи, таваккалту алаллоҳи, ла ҳавла ва ла қуввата илла биллаҳ.*** *"Ба номи Аллоҳ, таваккал кардам ба Аллоҳ, нест тавоноӣ ва қувват магар аз тарафи Аллоҳ."* Пас гуфта шавад ба он шахс: "Ҳидоят шудӣ, кифоят шудӣ, ҳимоят шудӣ ва дур шавад аз ӯ шайтон." (Ҷомеъи Тирмизӣ, 3426 / Ҳадиси саҳеҳ аст)

2. Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: "Ҳар вақто, ки яке аз шумо хост, ки дохили масҷид шавад, пас бар Паёмбар салом фиристад (яъне салавот) ва баъд аз он бигӯяд:

اللهم افتح لي أبواب رحمتك

***Аллоҳуммафтаҳ ли абваба раҳматика.*** *"Бор Илоҳо, дарҳои раҳмататро бар ман боз кун."* (Сунани Абудовуд, 465 / Ҳадиси саҳеҳ аст.)

3. Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: "Ҳар вақто, ки яке аз шумо хост, ки аз масҷид берун шавад, пас бигӯяд:

اللهم إني أسألك من فضلك

***Аллоҳумма инни асалука мин фазлика.*** *"Бор Илоҳо, фазли Туро талаб дорам."* (Сунани Абудовуд, 465 / Ҳадиси саҳеҳ аст)

4. ***Раббана тақаббал минна иннака антас-самиъул ъалим.***

رَبَّنا تَقَبَّل مِنّا إِنَّكَ أَنتَ السَّميعُ العَليمُ

*"Эй Парвардигори мо, аз мо амалҳои шоиста ва дуъоямонро бипазир, ки ту ба суханони бандагонат шунаво ва ба аҳволи онҳо доноӣ!""* (Бақара, 127)

5. ***Раббано ло туохизно инна сино ав ахтаъно, Раббано вало таҳмил ъалайна исран камо ҳамалтаҳу ъалал лазина мин қаблина, Раббана вала туҳаммилна мола тақата лана биҳи ваъфу ъанна вағфир лана варҳамна анта мавлана фансурна ъалал қавмил кофирин.***

**رَبَّنا لا تُؤاخِذنا إِن نَسينا أَو أَخطَأنا رَبَّنا وَلا تَحمِل عَلَينا إِصرًا كَما حَمَلتَهُ عَلَى الَّذينَ مِن قَبلِنا رَبَّنا وَلا تُحَمِّلنا ما لا طاقَةَ لَنا بِهِ وَاعفُ عَنّا وَاغفِر لَنا وَارحَمنا أَنتَ مَولانا فَانصُرنا عَلَى القَومِ الكافِرينَ**

*"Парвардигоро! Агар чизеро аз фармудаҳоят фаромӯш кардем ё дар он чизҳое, ки манъ намудӣ, хато кардем, моро ба уқубат магир. Парвардигоро! Бори гароне, ки мо тоқати бардошти онро надорем бар мо магузор, он чунон ки бар касоне, ки пеш аз мо Туро нофармонӣ карда буданд. Парвардигоро! Ончи тоб ва тоқаташро надорем, бар дӯши мо магузор ва аз мо даргузар ва моро биёмӯрз ва бар мо раҳм кун, Ту дӯст ва ёвари мо ҳастӣ, пас моро бар қавме, ки дини Туро инкор карданд ва Паёмбаратро дурӯғ баровარданд, пирӯз гардон!"* (Бақара, 286)

6. ***Раббана ло тузиғ қулубана баъда из ҳадайтана, ваҳаб лана милладунка раҳматан, иннака антал ваҳҳоб.***

**رَبَّنا لا تُزِغ قُلوبَنا بَعدَ إِذ هَدَيتَنا وَهَب لَنا مِن لَدُنكَ رَحمَةً إِنَّكَ أَنتَ الوَهّابُ**

*"Парвардигоро, пас аз ин ки моро ҳидоят кардӣ, дилҳои моро ба ботил моил масоз ва аз ҷониби худ ба мо раҳмате бубахш. Бегумон Ту дорои бахшиши зиёде ҳастӣ. Касеро, ки Ту хостӣ, аз фазлу атои худ барояш беҳисоб арзонӣ мекунӣ."* (Оли Имрон, 8)

7. ***Раббана иннана оманна фағфир лана, зунубана вақина ъазобан-нор.***

**رَبَّنا إِنَّنا آمَنّا فَاغفِر لَنا ذُنوبَنا وَقِنا عَذابَ النّارِ**

*"Эй Парвардигори мо, имон овардем (ба Ту, ба китобат ва ба Расулат Муҳаммад саллалоҳу алайҳи ва саллам), гуноҳони моро биёмӯрз ва моро аз азоби оташ наҷот бидеҳ.""* (Оли Имрон, 16)

8. ***Раббиҷ-ъалнӣ муқимас салати ва мин зурриятӣ, Раббана ва тақаббал дуъоӣ.***

**رَبِّ اجعَلني مُقيمَ الصَّلاةِ وَمِن ذُرِّيَّتي رَبَّنا وَتَقَبَّل دُعاءِ**

*"Эй Парвардигори ман, манро ва фарзандони маро (ба пуррагӣ) барпойдорандагони намоз гардон. Эй Парвардигори мо, дуъои маро бипазир."* (Иброҳим, 40)

9. ***Раббанағ-фирлӣ вали волидайя ва лилмуъминина явма яқумул ҳисоб.***

رَبَّنَا اغفِر لي وَلِوالِدَيَّ وَلِلمُؤمِنينَ يَومَ يَقومُ الحِسابُ

*"Эй Парвардигори мо, манро ва падару модарам ва ҳамаи мӯъминонро дар рӯзе, ки ҳисоб барпо мегардад, биёмурз!"* (Иброҳим, 41)

10. ***Раббӣ авзиънӣ ан ашкура ниъматакаллати анъамта ъалайя ва ъало волидайя ва ан аъмала солиҳан тарзоҳу ва аслиҳ лӣ фи зурриятӣ иннӣ тубту илайка ва иннӣ минал муслимин.***

رَبِّ أَوزِعني أَن أَشكُرَ نِعمَتَكَ الَّتي أَنعَمتَ عَلَيَّ وَعَلى والِدَيَّ وَأَن أَعمَلَ صالِحًا تَرضاهُ وَأَصلِح لي في ذُرِّيَّتي إِنّي تُبتُ إِلَيكَ وَإِنّي مِنَ المُسلِمينَ

*"Эй Парвардигори ман, ба ман тавфиқ деҳ, то шукри неъмате, ки бар ман ва бар падару модарам арзонӣ доштаӣ, ба ҷой оварам ва кори шоиста анҷом диҳам, ки Ту аз он хушнуд шавӣ ва фарзандони маро солеҳ гардон. Албатта тавба кардам аз тамоми гуноҳҳоям ва бозгаштам ба сӯи Ту. Ҳамоно ман аз зумраи мусалмононам."* (Аҳзоб, 15)

11. ***Раббана, иғфирлана ва ли ихванинал лазина сабақуна бил имони вала таҷъал фи қулубина ғиллал лил-лазина оману, Раббана иннака рауфур раҳим.***

ربَّنَا اغفِر لَنا وَلِإِخوانِنَا الَّذينَ سَبَقونا بِالإيمانِ وَلا تَجعَل في قُلوبِنا غِلًّا لِلَّذينَ آمَنوا رَبَّنا إِنَّكَ رَءوفٌ رَحيمٌ

*"Эй Парвардигори мо, гуноҳони мову бародарони моро, ки пеш аз мо имон овардаанд, биёмурз ва дар дилҳои мо нисбат ба касоне, ки пеш аз мо имон овардаанд, ҳеҷ кинае қарор надеҳ. Эй Парвардигори мо, ҳароина Ту бо бандагони худ мушфиқ ва меҳрубонӣ!"* (Ҳашр, 10)

12. Пайғамбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: "Ду калимае ҳастанд, ки маҳбубанд назди Раҳмон, сабуканд гуфтанашон бар забон ва вазнинанд дар тарозу дар рӯзи қиёмат."

سبحان الله وبحمده، سبحان الله العظيم

***Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи, субҳоналлоҳил азим.*** *“Ба покӣ ёд мекунам Аллоҳро ва меситоям Ӯро, ба покӣ ёд мекунам Аллоҳи бузургро.”* (Саҳеҳи Бухорӣ, 7523)

13. Дар ҳадисе омадааст, ки Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба Аллоҳ таъоло аз чанд чиз паноҳ бурдаанд, аз ҷумла аз дӯсти бад ва чунин гуфтаанд:

**اللهمَّ إني أعوذُ بك من جار السوءِ، ومن زوجٍ تُشَيِّبُني قبل الْمَشيبِ، ومن ولدٍ يكون عليَّ رَبًّا، ومن مالٍ يكون عليَّ عذابًا، ومن خليلٍ ماكرٍ عينُه تراني، وقلبُه يرعاني؛ إن رأى حسنةً دفنَها، وإذا رأى سيئةً أذاعَها.**

***Аллоҳумма инни аъузу бика мин ҷорин сӯйи, ва мин завҷин тушайибуни қаблал машиби ва мин валадин якуну ъалайя раббан ва мин халилин мокирин айнуҳу тарони ва қалбуҳу яръони, ин раъа ҳасанатан дафанаҳа ва иза раъа саййи-атан азаъаҳо.*** *„Бор Илоҳо, ба Ту аз ҳамсояи бад ва аз ҳамсаре ки манро пир кунад, пеш аз оне ки пир шавам, паноҳ мебарам ва аз моле, ки сабаби азоби ман бошад паноҳ мебарам ва аз дӯсти баду маккор паноҳ мебарам, ки чашмаш маро мебинад ва дилаш мепояд, агар некиеро аз ман дид ӯро мепӯшад ва агар бадиеро аз ман дид, онро ифшо мекунад.“* ("Ад-Дуъо"-и Имом Табаронӣ 1339 / Ҳадиси саҳеҳ аст.)

14. ***Аллохумма иннӣ аъузу биризока мин сахатика ва бимуъофотика мин ъукубатика ва аъузу бика минка ло уҳсӣ саноъан ъалайка камо аснайта ъало нафсика.***

**اللَّهمَّ إنِّي أعوذُ برِضاكَ مِن سخَطِكَ، وبمُعافاتِكَ مِن عقُوبتِكَ، وبكَ مِنكَ، لا أُحصي ثَناءً عليكَ، أنتَ كما أثنَيتَ على نفسِكَ**

*"Бор илоҳо, паноҳ мебарам ба ризои Ту аз хашмат ва ба офияти Ту аз азобат ва паноҳ мебарам ба Ту аз хашмат ва наметавонам шумориш кунам мадҳи Туро, он чуноне, ки худат хештанро мадҳу таъриф гуфтаӣ."* (Саҳеҳи Муслим, 486)

15 ***Аллохуммаг-фирли варҳамнӣ ваҳдинӣ ваҷбурнӣ ва ъофинӣ варзуқнӣ вар-фаънӣ.***

**اللَّهمَّ اغفِر لي، واجبُرني، وعافِني، وارزُقني، واهدِني، وارحمني، وارفعني**

*"Эй Аллоҳ, маро биёмурз, ба ман раҳм фармо, маро ҳидоят бикун, нақси маро ҷуброн фармо, ба ман офият ва рӯзӣ деҳ ва дараҷаи маро баланд бигардон."* (Ривояти Абудовуд, 850/ Ҳадиси саҳеҳ аст)

16 ***Аллоҳумма иннӣ заламту нафсӣ зулман касиран ва ло яғфируз-зунуба илло анта, фағфирлӣ мағфиратан мин ъиндика варҳамнӣ иннака антал-ғафурур-рахим.***

**اللَّهُمَّ إنِّي ظَلَمتُ نَفسي ظُلمًا كثيرًا، ولا يغفِرُ الذُّنوبَ إلّا أنتَ، فاغفِر لي مَغفرةً مِن عندِك، وارحَمني إنَّكَ أنتَ الغَفورُ الرَّحيمُ**

*"Эй Аллоҳ, ҳамоно ман ба худ зулми зиёд кардам ва ҷуз Ту касе гуноҳонро намеомурзад. Пас биёмурз маро омурзише аз фазли худат ва ба ман раҳм бифармо, ҳамоно Ту бисёр омурзанда ва бисёр меҳрубонӣ."* (Саҳеҳи Бухорӣ, 6326)

17 ***Аллохумма аъиннӣ ъала зикрика ва шукрика ва ҳусни ъибадатика.***

**اللهمَّ أَعِنِّي على ذكرِكَ وشُكْرِكَ، و حُسْنِ عِبادَتِكَ**

*“Бор Илоҳо, маро ёрӣ бидеҳ дар зикру ёдат, дар шукрона кардани неъматҳоят ва дар ибодатат, ба гунае ки дар назди худат писандида бошад.”* (Ривояти Абудовуд, 1522/ Ҳадиси саҳеҳ аст)

18 ***Ла илаҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул-мулку ва лаҳул-ҳамду юҳйӣ ва юмит ва хува ъало кулли шайин қадир.***

**لا إلهَ إلا اللهُ وحدَه لا شريكَ له، له الملكُ، و له الحمدُ يحيي و يُميتُ، و هو على كلِّ شيءٍ قديرٌ**

*"Ҳеҷ маъбуди барҳақ ба ҷуз Аллоҳи ягона нест, шарик ва ҳамтое барои Ӯ вуҷуд надорад. Аз они Ӯст мулки ҳастӣ ва аз они Ӯст ҳамду ситоиш. Зинда мекунад ва мемиронад ва бар ҳама чиз қодиру тавоност."* (Силсилаи Саҳеҳа, 114)

19 ***Аллоҳумма иннӣ ас-ъалука ъилман нофиъан ва ризқан тайибан ва ъамалан мутақаббалан.***

**اللَّهمَّ إنِّي أسألُكَ عِلمًا نافعًا ورزقًا طيِّبًا وعملًا متقبَّلًا**

*"Эй Аллоҳ, ман аз Ту илми судманд, ризқи ҳалол ва амали мақбул мехоҳам."* (Ривояти Ибни Моҷҷаҳ, 726/ Ҳадиси саҳеҳ аст)

20 ***Разийту биллаҳи раббан ва бил-ислами динан ва би Муҳаммадин набийян.***

**رَضيتُ باللهِ ربًّا، وبِالإسلامِ دِينًا، وبِمُحمَّدٍ نَبيًّا**

*"Хушнудам ба Аллоҳ таъоло, ки Парвардигорам аст ва ба Ислом, ки диёнатам аст ва ба Паёмбарам, ки Муҳаммад алайҳиссалом мебошад."* (Саҳеҳи Ҷомиъ, 6428)

21 ***Ё Ҳайю ё Қайюм бираҳматика астағйису аслиҳ ли шаънӣ куллиҳ ва ло такилинӣ ило нафсӣ тарфата ъайнин абадан***

**يا حيُّ يا قيُّومُ برحمتِك أستغيثُ وأصلحْ لي شأني كلَّهُ ولا تَكِلْنِي إلى نفسي طرفةَ عينٍ أبدً**

*"Эй зиндаву тадбиркунандаи олам, ба раҳматат аз Ту мадад мехоҳам, ки ҳамаи корҳоямро неку созӣ ва ин ки маро ба андозаи як чашм баҳам задан, ба ҳоли худ вогузор накунӣ."* (Силсилаи Саҳеҳа, 557)

22 ***Субҳаналлоҳи ва биҳамдиҳи ъадада халқиҳи варизо нафсиҳи ва зината ъаршиҳи ва мидада калимотиҳи.***

**سُبْحانَ اللهِ وَبِحَمْدِهِ، عَدَدَ خَلْقِهِ، وَرِضا نَفْسِهِ، وَزِنَةَ عَرْشِهِ، وَمِدادَ كَلِماتِهِ**

*"Пок аст Аллоҳ таъоло ва ҳамду ситоиш мекунам Ӯро ба андозаи махлуқоташ ва ба вазни аршаш ва ба ҷавҳари суханонаш."* (Саҳеҳи Муслим, 2726)

23 ***Аллоҳумма иннӣ аъузу бика минал-ҳамми вал-ҳазани, вал-ъаҷзи вал-касали, вал-ҷубни вал-бухли ва залаъид-дайни ва ғалабатир-риҷоли.***

**اللهم إني أعوذ بك من الهمِّ و الحزَنِ، و العجزِ و الكسلِ، و الجُبنِ و البُخلِ، و ضَلَعِ الدَّينِ و غَلَبَةِ الرجالِ**

*"Эй Аллоҳ, ҳар оина ман паноҳ мебарам ба Ту аз ғаму андӯҳ, аз нотавонӣ, аз танбалӣ, аз бахилӣ, аз тарс, аз гаронии бори қарз ва аз ғалабаи мардон (яъне аз хор ва залил шудан дар назди бандагон.)"* (Саҳеҳи Бухорӣ, 6369)

24 ***Ла илоҳа илла анта субҳонака иннӣ кунту миназзолимин.***

**لا إلهَ إلّا أنتَ سبحانَك إنّي كنتُ من الظالمينَ.**

*"Нест маъбуди барҳақ магар Аллоҳ, ки Ту ба ростӣ покӣ ва ман аз ситамкорон будам.* (Ривояти Тирмизӣ, 3505)

25 ***Аллоҳу, Аллоҳу, раббӣ ло ушрику биҳӣ шайан.***

**اللهُ، اللهُ ،ربي لا أُشركُ به شيئًا**

*"Албатта Аллоҳ таъоло Парвардигори ман аст ва ман чизеро шарик ва монанди Ӯ қарор намедиҳам."* (Ривояти Абудовуд, 1525/ Ҳадиси саҳеҳ аст)

26 ***Аллоҳумма икфинӣ би ҳалолика ъан ҳаромика ва агнинӣ бифазлика ъамман сивока.***

**اللـهم اكفنِي بحلالِكَ عن حرامِكَ، واغْنِني بفضلِكَ عمن سِواكَ**

*"Эй Аллоҳ, маро тавассути ризқи ҳалолат аз ризқи ҳаромат бениёз бигардон ва бо фазлу эҳсонат маро аз дигарон биниёз бигардон."* (Ривояти Тирмизӣ, 3563/ Ҳадиси саҳеҳ аст)

27 ***Аллоҳумма ло-саҳла илло мо ҷаъалтаҳу саҳло ва анта таҷъалу ҳузна изо шиъта саҳло.***

**اللـهمَّ لا سهلَ إلا ما جعلتَه سهلًا، وأنت تجعلُ الحَزْنَ إذا شئتَ سهلًا**

*"Эй Аллоҳ, осонӣ нест магарончи Ту онро осон гардонӣ, агар Ту бихоҳӣ мушкилиро осон мегардонӣ."* (Силсилаи Саҳеҳа, 2886)

28 ***Аллоҳуммағ-фирлӣ ва туб ъалайя иннака анта таввобур-раҳим.***

**اللـهم اغفِرْ لي و تُبْ عليَّ، إنك أنت التَّوابُ الرحيمُ**

*"Бор Илоҳо, маро биёмурз ва тавфиқи тавба ато бифармо ва тавбаи маро бипазир, ҳар оина Ту бисёр тавбапазир ва бисёр меҳрубонӣ."* (Адабул-муфрад, 619/ Ҳадиси саҳеҳ аст)

29 ***Аллоҳумма иннӣ аъузу бика ан ушрика бика ва ана аъламу ва астағфирука лимо ло аъламу.***

**أللـهمَّ إني أعوذُ بك أنْ أُشرِكَ بك و أنا أعلمُ، و أستغفرُك لما لا أعلمُ**

*"Эй Аллоҳ, ба ростӣ, ки ман паноҳ мебарам ба Ту аз ширк, дар ҳоле ки бидонам ва омурзиш металабам аз он чи ки намедонам."* (Адабул- муфрад, 551/ Ҳадиси саҳеҳ аст)

30 ***Аллоҳумма фа-айюмо мӯъминин сабабтуҳу фаҷъал золика лаҳу курбатан илайка явмал-қиёмати.***

اللَّهُمَّ، فأيُّما مُؤْمِنٍ سَبَبْتُهُ، فاجْعَلْ ذلكَ له قُرْبَةً إلَيْكَ يَومَ القِيامَةِ

*"Эй Аллоҳ, ҳар мӯъминеро, ки дашномаш додаам, барои ӯ дашноми манро дар назди худат, дар рӯзи қиёмат савобе бигардон."* (Саҳеҳи Бухорӣ, 6361)

**Хулоса**

Аҳкоми умра яке аз масъалаҳоест, ки дини Ислом арзиши зиёд болои он қоил аст, дар сурате ки мутаассифона имрӯзҳо дар ҷомеъаи мо камтар бар он таваҷҷӯҳ карда мешавад, зеро сабаб ва дурии мардум аз ин аҳкоми муборак, надонистан ва дур будан аз маърифати исломӣ мебошад. Шариъати муқаддас дар чандин ҷойҳо аз Қуръон ва аҳодиси набавӣ аҳкоми умраро бо аҳкоми ҳаҷ баробар медонад, ки ин худ баёнгари боарзиш будани ин ҳукми шаръист, то дараҷае ки баъзе аз олимони дин анҷоми умраро дар зиндагӣ аз суннатҳо надониста, балки ҳукми онро воҷиб медонанд. Ин баёнгари муҳим будан ва боарзиш будани аҳкоми умраро нишон медиҳад ва мусалмононро бар он водор мекунад, то дар иҷрои ин ҳукми шаръӣ кӯшиш ва ҳаракати худро дареғ надоранд.

Китоби мазкур, ки маърифати аҳкоми умраро дар бар мегирад, дар баъзе масоил ба мавзӯъҳое дар робита бо ҳаҷ низ ишора мекунад, зеро баъзе масъалаҳои ҳаҷ ва умра бо ҳам яксон мебошанд ва чигунае, ки дар муқаддима ва дар матни китоб низ қайд карда шуд, ин китоб танҳо шарҳи мухтасар аз аҳкоми умра буда, дар он масъалаҳои ихтилофӣ зиёд оварда нашудаанд ва далелҳо ва натиҷагириҳои олимони мазҳабҳои мухталифи Аҳли суннат ва ҷамоъат низ муфассалан зикр карда нашудаанд. Балки мақсад аз навиштани ин мухсатар, шиносоии мардум ба таври содда ва осон аз равиш ва усулест, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва ёронашон бо он равиш ва усул аҳкоми умраро анҷом додаанд ва онро бар мо тавсия намудаанд. Нафароне, ки хоҳиши гирифтани маълумоти бештар дар ин заминаро

доранд, метавонанд аз китобҳои фиқҳӣ ва ҳамчунин аз адабиёте, ки дар охири ин китоб бар онҳо ишора шудааст, мурочиат намоянд.

ذٰلِكَ وَمَن يُعَظِّم شَعائِرَ اللَّهِ فَإِنَّها مِن تَقوَى القُلوبِ

**"Ин ҳукми Аллоҳ аст, касоне, ки шиорҳо ва нишонаҳои Аллоҳро ба монанди ибодатҳо ва қурбониҳо бузург мешуморанд, ба дурустӣ, ки ин корашон нишонаи парҳезгории дилҳояшон аст."** (Ҳаҷ, 32) Аллоҳ таъоло бидуни ҳеҷ шак ва тардид бандагонеро, ки хостори ризои Ӯ ҳастанд, талаби раҳматашро доранд ва барои расидан ба ҳақиқат талошу кӯшиш мекунанд, ҳатман ба мақсад мерасонад. Чуноне, ки Аллоҳ таъоло худ мефармояд:

وَٱلَّذِينَ جَٰهَدُواْ فِينَا لَنَهۡدِيَنَّهُمۡ سُبُلَنَاۚ وَإِنَّ ٱللَّهَ لَمَعَ ٱلۡمُحۡسِنِينَ

**"Касоне, ки дар роҳи [хушнудии] Мо мекӯшанд, ҳатман, ба роҳҳои хеш ҳидояташон мекунем ва бетардид, Аллоҳ таъоло бо накӯкорон аст."** (Анкабут, 69) Ҳамду ситоиш он Зотеро, ки ба неъматҳояш корҳои хуб итмом меёбанд ва саллаллоҳу ало Муҳаммад ва олиҳи ва саллама таслимо.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Қуръони карим

2. Сунани Абудовуд, Абудовуд Сулаймони Сайидистонӣ

3. Саҳеҳи Бухорӣ, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ

4. Саҳеҳи Муслим, Абулҳусайн Муслим ибни Ҳаҷҷоҷи Нишопурӣ

5. Силсилаи Саҳеҳа, Муҳаммад Носириддин

6. Тарҷумаи маъонии Қуръон бо забони тоҷикӣ, Хуҷаамир

7. Фиқҳи исломӣ, Абдушариф Боқизода

8. Муснади, Имом Абу Абдуллоҳ Аҳмад ибни Ҳанбал

9. Фиқҳил умра, қисми илмии муассисаи Аддурарус-Сания